РИШОД – ФАРЗАНДИ АҲМАД ЗОҲИР ДАР ДУШАНБЕ с.7

ЧИНОР ИМОМОВ – ҚАҲРАМОНИ ФАРОМӮШШУДА с. 9

ТАҲДИД. Ё ПУЛ ТЕ, Ё БАЧААТ МЕМИРАД! с.11





# ТОҶИКИСТОН

№24 (1587), 12.06.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




# МАНСАБДОРОНИ ПОРАХӮР

## Аз 10 то 100 ҳазор сомониро ба киса заданӣ буданд, аммо…

ДАР ИН ШУМОРА:


**ҲУШДОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**
Одри Азуле ҷонибдори Тоҷикистон с.3

**АМРИКО**
Боздошти 8 тоҷик бо гумони терроризм с.4

**ИДИ ҚУРБОН**
Идгардак танзим мешавад с.2

**ФИРОРИ МАҒЗҲО**
ва пайдо кардани “дӯстони Тоҷикистон” с.6

**ДУШАНБЕ**
Таваққуфгоҳҳо пулакӣ мешаванд с.5

**БЕ АҲМАДИНАЖОД**
Киҳо барои курсии президентӣ сабқат мекунанд? с.4

**ВАРЗИШ**
Тоҷикистонро дар бозиҳои олимпӣ киҳо намояндагӣ мекунанд? с.10

**КАНЗИ ШИФО**
Роҳҳои халқии пешгирии саратон с.12



МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ «АҲРОРӢ»

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ

Афзалияти хонаҳои истиқоматии баландсифат дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ (паҳлӯи маҷмааи «Истиқлол»):



*Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ (дар паҳлӯи маҷмааи «Истиқлол»), ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе.*

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00
+992 00-277-44-33

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


## ПРЕЗИДЕНТИ БИР ДАР «РОҒУН»

**Президенти Гурӯҳи Бонки исломии рушд доктор Муҳаммад Сулаймон Ал-Ҷассер аз рафти корҳои сохтмонӣ дар НБО «Роғун» боздид ба амал овард.**

Ӯро дар ин сафар муовини Сарвазири кишвар Усмоналӣ Усмонзода ва вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ҳамроҳӣ намуданд. Президенти Бонки исломии рушд баъди боздид ба сохтмони НБО «Роғун» баҳои баланд дод. Ӯ дар китоби хотироти меҳмонон дастхати хотиравӣ гузошт.

Ёдовар мешавем, ки Бонки Исломии Рушд барои сохтмони НБО «Роғун» 150 миллион доллар ҷудо кард. Созишномаи ин маблағ дар ҳошияи сафари Президенти Гурӯҳи Бонки исломии рушд доктор Муҳаммад Сулаймон Ал-Ҷассер ба Душанбе имзо шуд.

## ДАВРИ ДУЮМИ БАҚАЙДГИРИИ ДОВТАЛАБОН ОҒОЗ ШУД

**Даври дуюми бақайдгирӣ барои иштирок дар имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишкадаву донишгоҳҳои кишвар оғоз гардид.**

Бино ба иттилои Маркази миллии тестӣ, даври дуюми сабти номи довталабон аз 10 то 30-юми июн давом мекунад. Ин давра аз сабти номи довталабон дар нуктаҳои бақайдгирӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Панҷакент, Хоруғ, Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Данғараву Рашт ба роҳ монда мешавад.

Довталабоне, ки ҳудро дар даври аввали бақайдгирӣ номнавис кардаанд, имкон доранд дар даври дуюм бо пардохти 30 сомонӣ интихобҳои худро иваз кунанд.

Довталабоне, ки худро дар ин давр барои иштрок дар имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ сабти ном мекунанд, имтиҳонҳоро дар даври иловагӣ 12-уми июл дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Панҷакент, Бохтар ва Кӯлоб месупоранд.

Гуфта мешавад, ки дар давраи якуми бақайдгирии довталабон барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба макотиби миёна ва олии касбии кишвар 95 ҳазору 289 нафар худро сабти ном кардаанд.

## $500 МИЛЛИОНИ ФАСР БА ТОҶИКИСТОН

**Директори иҷроияи Фонди аврусоиёии субот ва рушд (ФАСР) Андрей Широков гуфт, ки айни замон лоиҳаҳо ба маблағи зиёда аз 500 млн доллар дар баррасии Фонд қарор доранд. Ин ниҳод омода аст, ки ин маблағҳоро барои Тоҷикистон ҷудо кунад.**

Андрей Широков дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушд, ки таҳти раёсати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор шуд, таъкид намуд, ки ин лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергетикаву нақлиёт ва тандурустӣ мебошанд.

“Тоҷикистон кишвари муассиси ФАСР мебошад. Фонд мутобиқи Стратегияи миёнамуҳлат, аз афзалиятҳои миллии рушд дастгирӣ мекунад. Сандуқи лоиҳаҳои ФАСР, ки дар ҷумҳурӣ амалӣ шудаанд ё мавриди амал қарор доранд, 500 млн долларро ташкил медиҳад, аз ҷумла корҳои таъмиру навсозӣ дар НБО “Норак”, таъмиру навсозии низомҳои обёрӣ, барномаи пешгирии бемории аҳолӣ дар мавзеъҳои дурдаст “Корвони солимӣ”, дастгирии буҷет дар давраи пандемияи COVID-19, харочоти ичтимоӣ ва ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ”,- зикр кард Широков.

Фонди аврусоиёии субот ва рушд механизми минтақавии молиявӣ бо ҳаҷми зиёда аз 9 млрд доллар мебошад, ки соли 2009 аз ҷониби давлатҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон таъсис дода шуд.



## 16-УМИ ИЮН ИДИ ҚУРБОН. ИДГАРДАК ТАНЗИМ МЕШАВАД

**Дар ҷаласаи Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон санаи Иди Қурбон ва вақти намоз муайян шуд.**

Бино ба иттилои Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Тоҷикистон, Шӯрои уламо қарор қабул намуд, ки тибқи ҳисобҳои илмӣ Иди Қурбон 16-уми июн таҷлил мешавад. Намози ид дар масҷидҳои кишвар соати 6:00 баргузор мегардад.

Инчунин, тибқи қарори Шӯрои уламо имомхатибон вазифадор гардидаанд, ки дар мавъизаҳои худ таваҷҷуҳи мардумро ба масъалаи дастгирии ятимону бепарасторон, сарфаю сариштакорӣ ва пешгирӣ аз исрофкорӣ, назорати кӯдакону наврасон аснои “идгардак” ҷалб намоянд.

## САРИ САБЗ



**Раҷабгул ҚОСИМОВА,**
**Ҳунарманди халқии Тоҷикистон**

**- Устодамон Николай Степонович хеле асабонӣ буд ва бо ғазаб ин тарафу он тараф қадам мезад. Ман акнун дарк кардам, ки ба дарс хеле дер кардаам. Хеле норохат шудам ва соатамро аз дастам гирифта, аз тиреза ба берун ҳаво додам.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, кадом як нафари бесоат ба туфайли шумо соатдор шудагист ҳатман. Масалан, агар шогирдони ҳозираро намуна орем, барояшон фарқ надорад, ки устод ин тараф қадам мезанад ё он тараф.*



**Маъмур ҲУКМОНОВ,**
**хонандаи сурудҳои Аҳмад Зоҳир**

**- Бори охир 7-8 сол пеш ба маросими тӯёна рафта будам, ки дар тӯйхонаи Маҷмааи фароғатии Суғд доир шуд. Бо ҳунармандони «Хандинкамон» рафта будем. Ман ҳамагӣ як суруди Аҳмад Зоҳир - “Худо бувад ёре”-ро сароида, 50 сомонӣ гирифта будам.**

*- Таваҷҷуҳ накардед, ҳунармандони “Хандинкамон” чанд сомонӣ ба даст оварда бошанд? Манзур ин ки, метавонистанд гузоранд, то шумо 2-3 суруди дигар хонед...*



**Гуляман АЛИЁРОВА,**
**собиқадори матбуот ва радиову телевизион**

**- Боре ба ман гуфтанд, ки аз як фермаи гӯсфандпарварӣ гузориш омода намоям. 20 дақиқа овози гӯсфандонро сабт кардам. Вақти бозгашт дидам, ки овоз сабт нашудааст. Ҳуди ҳамон рӯз барои сабт нашудани овози барраҳо “выговор” гирифтам.**

*- Камтар хомӣ кардаед-дия! Аз ферма як гӯсфанд меовардед, ҳар гоҳ ки лозим мешуд, овозашро сабт кардан мегирифтед. Дар ин сурат, “выговор” намегирифтед, баръакс, чанд нафар хурсанд мешуданд.*




# ҲУШДОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**Душанбе ҳафтаи равон мизбони ҳамоиши сатҳи баланд - конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» гардид. Ин ҳамоиши 3-рӯза беш аз ду ҳазор намояндагону роҳбаронро аз 100 давлати ҷаҳон дар пойтахти Тоҷикистон ба ҳам овард, ки масоили обу иқлимро дар сайёра муҳокима намуданд. Барои Тоҷикистон ин ҳамоиш чӣ аҳамият дорад?**

### Сипоси Каха Имнадзе



Дар доираи баргузории конференсияи сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе фестивалу форумҳои гуногун доир ба масъалаҳои обу пиряхҳо ва иқлим, аз ҷумла Форуми байналмилалии пиряхҳо, Форуми байналмилалии парлумонӣ таҳти унвони «Захираҳои об ва устувории демографӣ ба манфиати ҷавонон», Форуми байналмилалии зан ва об, Форуми Осиёи Марказӣ таҳти унвони «Об ва тағйирёбии иқлим», Форуми оби Африқо, Форуми бахши хусусӣ, Форуми кӯдакон ва ҷавонон оид ба об ва иқлим, Форуми ташкилоти ҳавзавӣ, Форуми илм ва технология ва Фестивали обу пиряхҳо гузаронида шуданд.

Намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид оид ба Осиёи Марказӣ Каха Имнадзе дар доираи Форуми байналмилалии пиряхҳо дар Душанбе гуфт, ки Осиёи Марказӣ дар таҳқиқ ва ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои обӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

“Ман хеле шод ва сипосгузор ҳастам, ки Ҳукумати Тоҷикистон ҳамроҳ бо созмонҳои зиёди ҷаҳонӣ чунин чорабинии васеъмиқёс баргузор намуда, тамоми ҷаҳонро ба таваҷҷуҳ ба чунин мушкили муҳими ҷаҳонӣ, ба мисли обшавии пиряхҳо ва ҳифзи захираҳои обӣ даъват менамояд”,- гуфт номбурда.

Ба андешаи Каха Имнадзе, моро зарур аст, ки равишро дар рушди ҳифзи захираҳои об муайян намуда, ҳамкории байналмилалиро дар ин самт таҳким бахшем.

### Шоимзода: Талабот ба об зиёд шуд



Ба андешаи Ҷамшед Шоимзода, муовини якуми вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, минтақаи Осиёи Марказӣ бо суръати баланд рушд мекунад. “Масалан, аҳолии Тоҷикистон дар 30 соли охир ду баробар афзуд: мо 5 миллион будем, ҳоло 10 миллион. Бинобар ин, талабот ба об низ меафзояд. Мо метавонем неругоҳҳои барқи обӣ, неругоҳҳои бодӣ ва офтобӣ созем, аммо дарёи нав сохта наметавонем. Ҳамаи мо мефаҳмем, ки об дар ин рушд нақши калидӣ дорад. Мутаассифона, мушкилоти зиёди марбут ба об вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо, ки ҳамаи мо ҳоло эҳсос мекунем, тағйирёбии иқлим аст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мо тағйирёбии иқлимро тавассути об 84% дар минтақаи худ ва дар сатҳи ҷаҳонӣ 76% эҳсос хоҳем кард”,- таъкид намуд Ҷамшед Шоимзода.

### Ҳушдори Президент

Тибқи гузориши коршиносон, соли 2023 низ ҳамчун соли гармтарин сабт шудааст. Зимни суханронӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» гуфт, эҳтимоли қавӣ вуҷуд дорад, ки ин ниҳояти кор нест ва дар чанд соли оянда мо боз шоҳиди дигар рақамҳои рекордӣ хоҳем шуд. “Тайи панҷ соли охир мо пайваста шоҳиди солу моҳҳои гармтарин дар сайёра дар тамоми давраи мушоҳидаҳо гардидаем”,- иброз дошт Сарвари давлат.

Таъкид гардид, ки ҳиссаи ҳодисаҳои фавқулодаи марбут ба об дар шумораи умумии офатҳои табиӣ ва ҳаҷми хисорот аз онҳо низ сол ба сол рӯ ба афзоиш дорад.

“Дар давоми 20 соли охир ин ҳисса аз 80 ба 90 фоиз расида, ҳаҷми зарар бамаротиб зиёд шудааст. Мисоли возеҳи ин гуфтаҳо селу обхезиҳои соли равон дар минтақаҳои гуногуни олам, аз ҷумла дар Тоҷикистон мебошанд, ки ба иқтисоди кишварҳо садҳо миллион доллар зарари молиявӣ расониданд. Агар чанд сол пеш мо дар бораи чор баробар зиёд кардани талошҳо барои ноил гардидан ба Ҳадафи 6-уми рушди устувор сухан меронем, имрӯз, тибқи иттилои ниҳоди “Созмони Милал - Захираҳои об” мо амалҳои худро бояд шаш баробар зиёд намоем, то ба ин ҳадаф бирасем”,- таъкид дошт Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон.

### Одри Азуле ҷонибдори Тоҷикистон



Мудири кулли Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) Одри Азуле дар конференсияи мазкур изҳор дошт, ки “мо Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»-ро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем”. Ӯ гуфт: “Барои арзёбӣ ва баҳодиҳии 476 пирях, ки ҳолати обшавии онҳо ҳуҷҷатгузорӣ шудааст, тадбир меандешем”.

Одри Азуле ҷиҳати гузаронидани даврҳои омӯзишӣ дар самти тағйирёбии иқлим ҷонибдорӣ намуд ва гуфт, ки дар ин самт кор хоҳанд кард. «Мо ба ҷониби Тоҷикистон барои уҳдадориҳо ва ташаббусҳои нек дар соҳаи обу пиряхҳо, аз ҷумла баргузории Конференсияи сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардида истодааст, изҳори сипос мегӯем. Аз тамоми давлатҳои аъзо даъват менамоем, ки дар ҳамбастагӣ фаъол бошанд»,-гуфт Одри Азуле.

### 300 журналист, 2000 ҳайат аз 100 давлат дар Душанбе

Бояд гуфт, ки дар кори ин чорабинии сатҳи баланди байналмилалӣ зиёда аз ду ҳазор нафар аз ҳайатҳои расмии беш аз 100 давлати аъзои СММ, роҳбарону коршиносон ва таҳлилгарони масоили обу иқлим аз 62 ташкилоту созмони минтақавию байналмилалӣ иштирок намуданд. Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар шаҳри Душанберо беш аз 300 нафар намояндагони ВАО-и дохилиу хориҷӣ инъикос намуданд.

Маврид ба таъкид аст, ки Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ бо қатъномаи аз 21-уми декабри соли 2016 қабул шудааст. Қатънома аз ҷониби 177 кишвари узви Созмони Милали Муттаҳид ҷонибдорӣ гардида, бо ризоият пазируфта шудааст. Даҳсолаи нави байналмилалӣ дар Рӯзи ҷаҳонии об - 22-юми марти соли 2018 оғоз шуда, дар Рӯзи ҷаҳонии об - 22-юми марти соли 2028 ба анҷом мерасад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**



**Тоҷикистон дар Озарбойҷон «Боғи дӯстии зардолу» бунёд менамояд. Дар навбати худ Озарбойҷон тасмим гирифтааст, ки дар Тоҷикистон «Боғи дӯстии анор» бунёд намояд.**

Ин масъала зимни вохӯрии вазири кишоварзии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода бо вазири кишоварзии Озарбойҷон Маҷнун Мамедов дар шаҳри Душанбе баррасӣ шуд. Инчунин, ҷонибҳо оид ба масъалаи омӯзиши таҷрибаи Озарбойҷон дар самтҳои рақамикунонӣ, Азеркосмос, навъсанҷии зироати кишоварзӣ ва ғайра мубодилаи афкор намудаанд.



**Дар як моҳи охир қурби доллари амрикоӣ нисбат ба пули миллӣ - сомонӣ беш аз якуним дарсад поён рафтааст. Агар як моҳ қабл 1 доллари амрикоӣ 10 сомониву 90 дирам иваз мешуд, ҳоло дар бонкҳо барои 1 доллар 10 сомониву 74 дирам медиҳанд.**

Бонки миллии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар моҳҳои январ-майи соли 2024 қурби расмии доллари ИМА нисбати сомонӣ 1,8 дарсад коҳиш ёфтааст. Гуфта мешавад, омилҳои асосие, ки ба тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбати асъори хориҷӣ таъсир мерасонанд, омилҳои берунӣ, аз қабили тағйирёбӣ дар иқтисодиёт ва сиёсати ҷаҳонӣ ва ғайра мебошад.



**Меҳмонхонаи "Хуҷанд" дар шаҳри Бӯстон азнавсозӣ гардида, кӯле, ки дар шафати он қарор дорад, таъмир хоҳад шуд.**

Тавре масъулин зимни муаррифии лоиҳаи азнавсозии иншоот ба раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода иттилоъ доданд, кӯли шаҳри Бӯстон ба минтақаи истироҳативу фароғатӣ табдил дода шуда, шуҳрати пешинаи он барқарор карда мешавад. Дар ҳудуди кӯл бунёди обутобгоҳ, марказҳои хизматрасонӣ, чойҳои истироҳатӣ ба нақша гирифта шудаанд.



ТАСС **Абдул Умарӣ, вазири кори Толибон гуфтааст, ки чанд минтақаи Русия, бахусус Тотористон ва Чеченистон ба муҳоҷирони корӣ аз Афғонистон ҷойи кор пешниҳод кардаанд.**

Ин масъала дар мулоқот бо Антон Котяков, вазири кори Русия дар ҷараёни ҳамоиши байналмилалии иқтисодии Санкт-Петербург матраҳ шудааст. Қаблан Владимир Путин гуфта буд, ки кишвараш дар роҳи баркрор кардани равобит бо Толибон аст. Ёдовар мешавем, ки Толибон ҳаракати террористӣ буда, фаъолияти он дар Тоҷикистон ва соири кишварҳо мамнуъ аст.



Deutsche Welle **Дар Олмон метавон дар муддати то 3 сол соҳиби шаҳрвандӣ шуд ва барои он аз шаҳрвандии пештара даст кашидан лозим намешавад.**

Аз 26-уми июни соли ҷорӣ қонуни нави шаҳрвандии дутарафаи Олмон ба кор медарояд, ки барои он даст кашидан аз шаҳрвандии пештараи худ лозим намешавад. Инчунин муддати зиндагии хориҷиён дар Олмон барои гирифтани шаҳрвандӣ аз 8 ба 5 сол кам карда шудааст. Дар ҳолати зуд мутобиқ шудан ин мухлат метавонад то 3 сол кам карда шавад.



АиФ **Ду вакили Думаи давлатӣ аз Ҳизби коммунисти Русия лоиҳаи қонунро дар бораи манъи пӯшидани ниқоб ба ҳукумати ин кишвар фиристодаанд.**

Ба иттилои яке аз муаллифони тарҳ Михаил Матвеев, дар лоиҳаи қонун омадааст, ки пӯшидани рӯй танҳо бо сабабҳои тиббӣ, кор дар шароити зимистон ва дар иду ҷашнҳо мумкин аст. Дар ҳолатҳои дигар, барои пурра пӯшидани рӯй аз 10 то 30 ҳазор рубл ҷарима мебанданд. Ҳанӯз маълум нест, ки ҳукумати Русия ба ин тарҳи қонун чӣ вокуниш нишон медиҳад.

# БОЗДОШТИ 8 ТОҶИК ДАР АМРИКО БО ГУМОНБАРИ ТЕРРОРИЗМ!

abc NEWS

**Мақомоти интизомии Америко 8 зодаи Тоҷикистонро дар шаҳрҳои Лос-Анҷелес, Ню-Йорк ва Филаделфия боздошт кардаанд. Онҳо ба доштани робита бо гурӯҳи террористии "Давлати исломӣ" ё ДОИШ гумонбар дониста мешаванд.**



Чанд шабакаи телевизионии Америко, аз ҷумла ABC News, рӯзи 11-уми июн ба нақл аз манбаъҳои худ дар мақомоти интизомии Америко дар ин бора хабар доданд.

Ба гуфтаи манбаи онҳо, тафтиши аввалияи боздоштшудаҳо дар марз ҳеҷ хатареро ошкор накардааст, бинобар ин, ба онҳо иҷозат додаанд вориди Америко шаванд.

Гуфта мешавад, айни замон мақомот ба ихроҷи онҳо аз қаламрави Америко талош доранд, чун барои исботи гуноҳи онҳо дар терроризм далелҳои кофӣ дар даст нест. Ба навиштаи ин расона, айни ҳол гумонбарон дар боздоштгоҳҳои Идораи муҳоҷират (ICE) нигоҳ дошта мешаванд.

## ИМА РОҲРО БА РӮЙИ ТОҶИКОН БАСТ

NEW YORK POST

**Дар ду соли охир садҳо муҳоҷир аз Тоҷикистон тавассути Мексика вориди Америко шуда, аз ин кишвар хоҳони паноҳандагӣ шудаанд. Аммо ахиран мақомоти Америко шароити воруди муҳоҷиронро ба ин кишвар сахттар кард.**

Аз ҷумла, президент Ҷо Байден ҳафтае қабл дастур дод, муҳоҷироне, ки аз марз ғайриқонунӣ убур мекунанд, дарҳол ихроҷ шаванд. Қаблан афсарони Идораи муҳоҷират ҳақи ихроҷи муҳоҷиронро надоштанд ва танҳо суд чунин ҳукм содир мекард.

Вале шуруъ аз 10-уми июн мақомоти интизомии Калифорния дастур гирифтанд, ки шаҳрвандони Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва чанде аз кишварҳои дигари пасошӯравиро, ки аз гузаргоҳи Сан-Диего вориди Америко мешаванд, дарҳол ихроҷ кунанд. Ин гузаргоҳ яке аз масирҳои асосии воруди муҳоҷирон аз марзи Мексика ба Америко аст.

Ба марзбонони аёлати Калифорнияи Америко амр додаанд, ки муҳоҷирон аз 6 кишвари собиқ Шӯравӣ - Русия, Гурҷистон, Молдова, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистонро, ки аз тариқи Мексика вориди Америко мешаванд, билфосила ва бидуни пурсишу чуну чаро аз ИМА ихроҷ кунанд. Дар ин бора рӯзи 11-уми июни соли 2024 нашрияи амрикоии "The New York Post" бо нашри як номаи хидматӣ, ки ба дасташ расидааст, хабар дод. Ин дар ҳолест, ки шаҳрвандони 200 кишвари дигар ҳақи бемамониат ворид шудан ба ИМА-ро тариқи ин гузаргоҳ доранд.

# ИНТИХОБОТ БЕ АҲМАДИНАЖОД

### 6 нафар барои курсии президентӣ мубориза мебаранд

BBC

**Шӯрои нигаҳбони инқилоби исломии Эрон рӯзи 9-уми июни соли 2024 танҳо 6 номзадро барои иштирок да р интихоботи пеш аз муҳлати президентии рӯзи 28-уми июн иҷозат дод.**



Шӯрои нигаҳбон номзадии даҳҳо довталаби дигар, аз ҷумла раисҷумҳури собиқ Маҳмуди Аҳмадинажод ва раиси собиқи парлумон Алии Лориҷониро рад кард ва пеши роҳи иштироки онҳоро дар корзори интихоботӣ ва овоздиҳии рӯзи 28-уми июн баст.

**Шӯрои нигаҳбон ба ин 6 номзад иҷозати иштирок дар интихоботи президентиро дод:**

1. **Муҳаммадбоқири Қолибоф** - раиси 62-солаи Маҷлиси Шӯрои исломӣ, парлумони Эрон ва шаҳрдори собиқи Теҳрон.
2. **Масъуди Пизишкиён,** вакили парлумон аз ҷиноҳи ислоҳталабон.
3. **Саид Ҷалилӣ,** раҳбари собиқи ҳайати Эрон дар музокироти барномаи ҳастаияш бо Ғарб ва намояндаи кунунии раҳбари рӯҳонии Эрон оятуллоҳ Алии Хоманаӣ дар Шӯрои олии амнияти миллӣ.
4. **Алиризо Зоконӣ** - шаҳрдори кунунии Теҳрон.
5. **Амирҳусейн Қозизодаи Ҳошимӣ,** вакили парлумон аз ҷиноҳи муҳофизакорони Раисӣ.
6. **Мустафо Пурмуҳаммадӣ,** собиқ вазири кишвар (корҳои дохилӣ) ва раҳбари собиқи қувваи казоӣ, аз ҷиноҳи тундравон.

## ДУРОВ БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ МЕОЯД

SPUTNIK

**Бунёдгузори паёмакрасони "Telegram" Павел Дуров хабар дод, ки тобистони имсол меҳоҳад ба Осиёи Марказӣ сафар кунад.**

"Ман ҳамчун мудири кулли Телеграм ба рухсатӣ намеравам. Ба ҷойи рухсатӣ корро идома дода, бо корбарон аз минтақаҳои ғайриоддӣ мулоқот мекунам. Ин тобистон меҳоҳам ба Осиёи Марказӣ биравам, то бо ҳаёт ва зиндагии мардуми онҷо шинос шавам ва чӣ гуна истифода шудани Телеграм аз сӯи онҳоро омӯзам",- навиштааст бунёдгузори Телеграм дар канали худ.

Павел Дуров дақиқ нагуфтааст, ки ба кадом кишвари Осиёи Марказӣ сафар мекунад. Вале расонаҳо менависанд, ки вай эҳтимол ба Тошканд меояд.



# ТАВАҚҚУФГОҲҲО ДАР ДУШАНБЕ ПУЛАКӢ МЕШАВАНД

**Таваққуфгоҳ барои кӣ ройгон аст?**

Аз 20-уми июн дар Душанбе таваққуфгоҳҳои пулакии худкор барои воситаҳои нақлиёт ба кор шурӯъ мекунанд. Ҳадафи асосӣ ба тартиб даровардани ҳаракати нақлиёт дар пойтахт ва коҳиш додани тамбашавӣ дар роҳҳо аст, ки аксаран дар натиҷаи нодуруст гузоштани воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд меоянд.

Таваққуфгоҳҳои пулакӣ дар чанд ҷойи шаҳр, ки бетартибии таваққуфи нақлиёт бештар ба назар мерасад, ҷойгир хоҳанд шуд.

Масалан, дар хиёбони Рӯдакӣ, сар карда аз назди меҳмонхонаи "Душанбе" то вокзали роҳи оҳан дар ду тарафи роҳ.

Инчунин, дар рӯ ба рӯи "Олами китоб" дар кӯчаи М. Турсунзода - атрофи Боғи "Куруши Кабир", дар кӯчаи Валаматзода - аз назди ҳукумати ноҳияи Шоҳмансур то корхонаи "Ёқут-2000" ва дигар ҷойҳои шаҳр, ки бо нишонаву лавҳаҳои иттилоотӣ қайд карда шудааст, таваққуфгоҳи пулакӣ ташкил мешавад.



Дар ҳудуди таваққуфгоҳҳои пулакӣ дар шаҳри Душанбе гузоштани мошинҳо барои як соат 3 сомониро ташкил медиҳад.

Маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, инчунин мошинҳои ҳолатҳои фавқулода бо аломатҳои махсус (сӯхторхомӯшкунӣ, милиса, ёрии таъҷилӣ ва ғайра) метавонанд аз таваққуфгоҳҳои пулакӣ ройгон истифода баранд.

Аммо шахсони маъюб метавонанд танҳо дар ҷойҳои махсуси таваққуфгоҳ, ки бо аломати 7.17. ишора шудааст, автомобили худро гузоранд. Камаш 10%-и ҳар як таваққуфгоҳи пулакӣ барои онҳо ҷудо карда шудааст. Дигар ҷойҳои таваққуфгоҳ дар асоси пардохти умумӣ истифода мешавад.

Давомнокии гузоштани воситаи нақлиёт дар таваққуфгоҳи пулакӣ аз лаҳзаи ворид шудан ҳисоб карда мешавад, ба истиснои 10 дақиқаи ройгони пешбинишуда. Пас аз 10 дақиқаи ройгон соҳиби мошин бояд вақти истифодаро пардохт кунад ва муҳлатро нав созад.

Соҳиби воситаи нақлиёт дар ҳолатҳои напардохтани маблағ ҷарима карда мешавад.

**1.09.2025. Таксиҳо пурра электромобил мешаванд**

Рустами Эмомалӣ, Раиси шаҳри Душанбе қарореро ба имзо расонд, ки бар асоси он тамоми ширкатҳои мусофиркашонӣ (таксӣ) дар пойтахти Тоҷикистон бояд то 1-уми сентябри соли 2025 пурра ба нақлиёти баркӣ, яъне ба электромобил гузаранд.

Дар қарори раиси шаҳри Душанбе №362 аз рӯзи 4-уми июни соли 2024 чунин гуфта шудааст: "Ҷамъиятҳое, ки ба хизматрасонии нақлиётии мусофиркашонӣ (таксӣ) дар шаҳри Душанбе машғуланд, дар доираи квотаҳои муқарраргардида барои пурра ба низоми нақлиёти баркӣ гузаштан то 1-уми сентябри соли 2025 чораандешӣ намоянд".

Тибқи омори расмӣ, воридоти мошинҳои баркӣ ба Тоҷикистон сол то сол меафзояд. Соли 2023 тақрибан 1,5 ҳазор мошини баркӣ ба Ҷумҳурӣ ворид карда шуд. Барои муқоиса, соли 2021 ба Тоҷикистон ҳамагӣ 47 электромобил ва соли 2022 дар умум 767 мошини баркӣ ворид карда шуда буд. Феълан дар Тоҷикистон 666 ҳазор мошин расман сабти ном шудааст, ки аксари онҳо бо бензину дизел (солярка) ва ё бо газ ҳаракат мекунанд.

## ДУ ҚАРОРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

**Ба муносибати 27-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар шаҳри Душанбе барномаҳои фарҳангӣ бо шукуҳу шаҳомати хоса баргузор мегарданд.**

Дар ин хусус қарори Раиси шаҳри Душанбе ба имзо расидааст.

Рӯзи Ваҳдати миллӣ 27-уми июн таҷлил мешавад. Дар ин рӯз дар чор ноҳияи пойтахт, бахусус дар боғҳои фарҳангу фароғатии Душанбе базмҳои идона, нишасту ҷамъомадҳо ва дигар барномаҳои гуногуни фарҳангию варзишӣ гузаронида мешаванд.

***

**Бо қарори Раиси шаҳри Душанбе дар пойтахт даври дуюми Озмуни ҷумҳуриявии «Ҳунар омӯз…» баргузор мегардад.**

Озмун аз рӯи 7 номинатсия: кандакорӣ, чӯбтарошӣ, сабадбофӣ; гаҷкорӣ, кундалнигорӣ, оинабандӣ; заргарӣ, мисгарӣ ва оҳангарӣ; ороиш аз санг; кулолгарӣ; читгарӣ, зардӯзӣ ва попурӣ; намадбофӣ ва қолинбофӣ доир мегардад. Ҳадафи ин фестивал эҳё намудани ҳунарҳои миллии ниёгон арзёбӣ мешавад.

# СЕМИНАР ОИД БА ТАҲЛИЛИ МАКРОИҚТИСОДӢ/БАРНОМАСОЗИИ МОЛИЯВӢ ВА СИЁСАТ ДАР БМТ

**Аз санаи 3 то 7-уми июни соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Маркази минтақавии рушди иқтидор барои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон (CCAMTAC) ва Донишкадаи Муттаҳидаи Вена (JVI) семинарҳои омӯзишӣ оид ба таҳлили макроиқтисодӣ/барномасозии молиявӣ ва сиёсат барои мутахассисони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуд.**

Дар қисмати оғози машғулиятҳои омӯзишӣ муовини раиси БМТ Сироҷиддин Икромӣ ба Маркази минтақавии рушди иқтидор барои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон ва Донишкадаи Муттаҳидаи Вена барои ташкили семинари муштарак изҳори сипос намуд. Номбурда қайд кард, ки ин аввалин семинари CCAMTAC дар Тоҷикистон дар шакли ҳузурӣ мебошад ва аз шунавандагони он даъват намуд, ки дар кори машғулиятҳо фаъол бошанд. Гуфта шуд, ки мавзуи семинар барои вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Давоми панҷ рӯзи машғулиятҳои омӯзишӣ иштирокдорони машғулиятҳо тавонистанд татбиқи воситаҳои барномасозии молиявиро дар раванди таҳлили вазъи кунунии иқтисодиёт, пешгӯии самти рушди он ва муайян намудани тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ аз худ намоянд.

Семинари мазкур аз ҷониби ҳайати лекторон ҷаноби Нурдаулет Абилов, хонум Алия Кистаубоева (таҳлилгарони иқтисодии CCAMTAC) ва хонум Татяна Евдокимова (иқтисодчии калони JVI) дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида шуд.

Дар қисмати ҷамъбастӣ ба раванди ташкил ва баргузории семинари мазкур директори Маркази минтақавии рушди иқтидор барои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон ҷаноби Норберт Функе баҳои баланд дода, ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон миннатдории хешро изҳор намуд.

Сипас ба иштирокдорон аз ҷониби ташкилкунандагони машғулиятҳои омӯзишӣ сертификатҳо супурда шуданд.

Қобили тазаккур аст, ки Маркази минтақавии рушди иқтидор барои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон лоиҳаи муштараки Хазинаи Байналмилалии Асъор ба ҳисоб рафта, аз ҷониби нуҳ кишвари узв (Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон), инчунин дигар шариконии рушд ташкил карда шудааст.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**





# ИСЛОҲОТИ ИЛМ

## аз куҷо бояд оғоз шавад?




**- Пешгирии “фирори мағзҳо” ва баргардонидани олимон аз хориҷа;**

**- Бартарӣ ба забони англисӣ ва алифбои форсӣ;**

**- Гурез аз “Гӯристони иқтибос”;**

**- Чаро пажӯҳишгарони хориҷӣ ба таълифоти олимони мо таваҷҷуҳ надоранд?**

**- Мубориза бо доктор ва академикҳои қалбакӣ;**

**- Ҳамкорӣ бо “дӯстони Тоҷикистон”.**

**(Идома аз шумораи гузашта)**

### II. РОҲАНДОЗИИ “НИЗОМИ МИЛЛИИ ШОХИСИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИЮ ПАЖӮҲИШӢ”

Барои муаррифии асарҳои илмӣ ва пешгирии сирқат ва асардуздӣ аз ҷониби ниҳодҳои ваколатдори соҳа “Низоми миллии шохиси интишороти илмию пажӯҳишӣ” роҳандозӣ гардад. Роҳандозии чунин низом кори мушкил аст, вале имкон дорад бо ҷалби маблағгузорӣ ва мадади молиявию техникии шарикони рушд амалӣ шавад. Чунки як рукни муҳими таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад. Агар дар марҳилаи кунунӣ имкони роҳандозии чунин низом мавҷуд набошад, ҳадди ақал тавассути шартнома бо низомҳои мавҷудаи шохисӣ дар дохили онҳо барои давраи муайян таъсис додани низоми тоҷикистонӣ ҳам аз аҳамият холӣ нест. Баъди шаклгирӣ ва фаъолияти устувори он - дар шакли алоҳида роҳандозӣ кардан мумкин аст. Агар ба таври доимӣ дар низоми хориҷӣ бимонад (ҳоло олимони тоҷик ба таври густарда асосан дар РИНЦ ҳузур доранд), осебпазириҳо пайдо мешаванд ва илму пажӯҳиши ватаниро дар ҳолати вобастагӣ қарор медиҳад.

Ҳамзамон зарурати ҷиддӣ барои раддабандӣ кардани маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии кишвар вуҷуд дорад, то маҷаллаҳои босифат бартарӣ пайдо кунанду маҷаллаҳои зинаи поёнӣ барои беҳтар шудани сифати мухтавояшон кӯшиш кунанд. Ин таҷриба дар ҳама низомҳои илмсанҷӣ вуҷуд дорад. Масалан, будани квартилҳо дар пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus, инчунин, мавҷудияти рӯйхати маҷаллаҳое, ки “ҳастаи РИНЦ”-ро ташкил медиҳанд (1155 маҷалла аз байни 5801). Дар Русия як рӯйхати дигари маҷаллаҳои бонуфуз низ ҳаст, ки RSCI (Russian Science Citation Index) номида мешавад, ки ба он аз 5800 маҷаллаи рӯйхати РИНЦ ҳамагӣ 944 маҷалла ворид мешавад (ба ҳолати соли 2022). Аз ин рӯ, агар ин низом таҳия гардад, як қадами дигари ҷиддӣ барои пешрафти илму пажӯҳиши кишвар мешуд, чун пойгоҳ барои илмсанҷӣ ба вуҷуд меомад.

Ҳамчунин, лозим ба назар мерасад, ки ба таври доимӣ мухтавои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА санҷида шуда, маҷаллаҳои ба талабот ҷавобгӯй набуда аз рӯйхат берун карда шаванд.

### III. ТАКМИЛИ ТАРБИТИ ҲИМОЯИ РИСОЛАҲОИ НОМЗАДӢ ВА ДОКТОРӢ

Тоҷикистон охирон кишваре дар паҳнои собиқ Шӯравӣ буд, ки низоми миллии омодасозӣ ва аттестатсияи кадрҳои илмиро роҳандозӣ кард. Кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ Комиссияҳои олии аттестатсионии худро ҳанӯз соли 1992 таъсис дода буданд. Яъне, то 17-уми апрели соли 2017 - оғози фаъолияти аввалин Шӯрои ҳимояи рисолаҳо дар Донишгоҳи омӯзгории Садриддин Айнӣ Тоҷикистон дар низоми Русия боқӣ монд. Баъди таъсиси КОА ва шӯроҳои миллии ҳимояи рисолаҳо тағйиру иловаҳо ва такмили низоми миллии омодасозӣ ва аттестатсияи кадрҳои илмӣ сурат гирифт. Аз ин рӯ, мо бояд беҳтарин таҷрибаҳои ҷаҳониро омӯзем ва аз дастовардҳои онҳо барои такмили низоми миллии омодасозию аттестатсияи кадрҳои илмӣ, ҳамчунин барои шаклгирии таҷрибаи вижаи ватанӣ васеъ истифода кунем. Аз ин рӯ, чунин мулоҳизаҳоро пешкаш мекунем:

**1. Дарсҳои этикаи илмӣ ва омодасозии натиҷаҳо ба нашр.** Гузаштани дарсҳои навиштани мақолаи илмӣ ва мувофиқсозии онҳо ба талаботи маҷаллаҳо, этикаи илмӣ ва истифодаи дуруст аз манбаъҳои илмсанҷиву низомҳои иқтибосоварӣ дар зинаи аспирантура ва докторантура. Ин кор имкон медиҳад, ки довталабони дараҷаҳои илмӣ огоҳона ба навиштани рисола ва мақолаҳои илмӣ пардохта, ба тақаллуб ё сирқат роҳ надиҳанд.

**2. Шаффофияти ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ.** Барои таъмини шаффофияти ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ аз Шӯроҳои диссертатсионии дар кишвар амалкунанда талаб шавад, ки рафти кори худро дар шабакаи “Ютуб” ё портали махсуси миллӣ зинда пахш кунанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки мутобиқ ба қонунгузории амалкунанда ҳимояи рисола бояд пӯшида сурат гирад) ва ин навор ба муҳлати муайян (3-5 сол) дастраси омма бошад. Ин иқдом масъулияти муассисаҳои пажӯҳишию таълимӣ, Шӯроҳои диссертатсионӣ, муассисаҳои пешбар, муқарризон, роҳбарони илмӣ ва худи унвонҷӯёнро баланд мекунад.

**3. Таҳияи автореферати рисолаҳо ба забонҳои тоҷикӣ (ҳамчунин, алифбои форсӣ), англисӣ ва русӣ.** Имрӯз мувофиқи тартиби мавҷуда, унвонҷӯёни дараҷаи номзад ва доктори илм автореферати рисолаи худро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ омода мекунанд. Барои муаррифии бештари дастовардҳои илмию пажӯҳишии кишвар лозим ба назар мерасад, ки омодасозии автореферат ба забони англисӣ (ғайрирасмӣ забони илми муосир - забони англисӣ аст) ва алифбои форсӣ ҳатмӣ шавад. Ин иқдом имкон медиҳад, ки ҳамгироии бештари илми кишвар бо ҷомеаи ҷаҳонии пажӯҳиш ва илм сурат гирад, ҳамчунин, масъулиятшиносии унвонҷӯёну роҳбарони илмӣ, муқарризону шӯроҳои ҳимояи рисолаҳо ба маротиб ҷиддӣ мегардад.

**4. Васеъсозии ҷуғрофиёи паҳни авторефератҳои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ.** Имрӯзҳо авторефератҳои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ба муассисаҳои пажӯҳишию таълимии дохил ва хориҷи кишвар фиристода мешаванд. Лозим ба назар мерасад, ки рисолаҳо ба таври комил ба ҳамаи муассисаҳои ватанӣ, китобхонаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, инчунин ба муассисаҳои бонуфузи илмию таълимии давлатҳое, ки Тоҷикистон бо онҳо созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, илм ва пажӯҳиш ба имзо расонидааст, фиристода шавад. Ин иқдом агар дучониба шавад, имкон медиҳад, ки аз он кишварҳо низ ба Китобхонаи миллӣ авторефератҳо ирсол шаванд.

**5. Омодагии КОА, шӯроҳои диссертатсионӣ ва масъулин ба матнҳои навиштаи ҳуши маснуӣ.** Мо дар замони пешрафти фавқулодаи фановариҳои муосир зиндагӣ мекунем ва равандҳои чанд соли охир нишон доданд, ки ҳуши маснуӣ метавонад бе мушкилӣ матни илмӣ таҳия кунад. Чанде пеш КОА хабар дода буд, ки барои санҷиши асолати матни диссертатсия модули “Тарҷума”-ро низ фаъол кардаанд, ки як қадами дигари муҳим барои пешгирӣ аз сирқат мебошад, зеро баъзе муаллифон матнҳоро аз забонҳои дигар тарҷума мекарданд. Чолишҳое, ки ҳуши маснуӣ меофарад, бузургтар аз сирқат аст. Бинобар ин тавсия дода мешавад, ки барномаҳои муайянкунандаи матни навиштаи ҳуши маснуӣ харидорӣ ё таҳия шаванд. Инчунин, роҳбарони шӯроҳои диссертатсионӣ, котибони шӯроҳо ва муқарризону экспертҳои КОА раванди шиносоии матни инсониро аз барномаӣ аз худ кунанд. Ҳамзамон, ба мушоҳида мерасад, ки баъзе донишҷӯён ва магистрантон рисолаи хатми худро тариқи ҳуши маснуӣ таҳия мекунанд. Бинобар ин, лозим ба назар мерасад, ки ба ин самт низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ шавад, то донишомӯзон аз ин падидаи манфӣ дур шаванд.

**6. Ҳатмӣ шудани нашри мақолаҳои илмӣ дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus барои унвонҷӯёни дараҷа ва унвонҳои илмӣ.** Як шарти роҳ додан ба ҳимояи рисолаи номзадӣ (ва унвонҷӯёни дараҷаи баробар ба ин) дар равияи табиатшиносию дақиқ нашри ду мақолаи илмӣ ва барои равияи ҷомеашиносию гуманитарӣ як мақолаи илмӣ дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus муайян шавад. Барои роҳ додан ба ҳимояи рисолаи докторӣ (ва унвонҷӯёни дараҷаи баробар ба ин) дар равияи табиатшиносию дақиқ нашри панҷ мақолаи илмӣ ва барои равияҳои ҷомеашиносию гуманитарӣ се мақолаи илмӣ дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus бояд бошад. Барои додани унвони дотсент дар равияи табиатшиносию дақиқ 5 мақолаи илмӣ, барои равияи ҷомеашиносию гуманитарӣ 3 мақолаи илмӣ, барои додани унвони профессор дар равияи табиатшиносию дақиқ 10 мақолаи илмӣ, барои равияи ҷомеашиносию гуманитарӣ 7 мақолаи илмӣ дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus бояд ҳатмӣ шавад. Ҳамзамон, роҳандозии аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва додани муҳлат ба дотсентон ва профессорон барои нашри мақолаҳои илмӣ дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus аз аҳамият холӣ нест.

### IV. БЕҲТАРСОЗИИ МУҲТАВОИ МАҶАЛЛАҲОИ ИЛМИИ КИШВАР

Арзёбии муҳтавои маҷаллаҳои илмии кишвар нишон медиҳад, ки аксари мақолаҳо арзиши назариявӣ ва амалӣ надоранд, бидуни сохтори пазируфташуда таҳия мегарданд ва аксар ҳолат “гӯристони иқтибос” ҳастанд. Ин вазъ такмили ҷиддиро талаб мекунад ва чунин мулоҳизаҳо пешкаш мешаванд:

**1. Риояи ҳатмии сохтори ИМРАД (IMRaD - Introduction - Methods - Results - and - Discussion).** КОА зимни ба номгуйи интишороти тавсияшаванда ворид кардани маҷаллаҳо ва бозрасии интишороти алакай воридбуда - қатъан талаб кунад, ки мақолаҳо аз рӯйи сохтори ИМРАД таҳия шаванд. Иқдоми мазкур барои сифатан беҳтар шудани мақолаҳо ва барои боло рафтани маҳорати матни илмӣ навиштани муаллифон сабаб мегардад. Имрӯз дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ мақолаҳо бидуни сохтор ба нашр мерасанд ва аҳамияти пасти назариявию амалӣ доранд. Агар сохтори ИМРАД ба таври ҳатмӣ риоя гардад, заминасозии ҷиддӣ барои пешрафти пажӯҳишҳои илмӣ мешавад ва баъди 5-7 сол муҳтавои илми ватанӣ сифатан дигар мегардад.

**2. Манъ гардидани нашри такрор ба такрори мақолаҳо.** Таҷрибаи дигари роиҷ дар миёни олимону пажӯҳишгарон дар шакли каме дигаргуншуда дар чандин маҷалла нашр кардани як мақола мебошад. Пеши роҳи ин падидаи номатлуб бояд гирифта шавад ва дар ин самт нақши ҳайати таҳририяи маҷалла ва муқарризон калидӣ аст.

**3. Эҷоди ҳайати таҳририяи фаъол ва тақризнависии воқеӣ.** Таҷрибаи нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои ватанӣ онро равшан мекунад, ки ҳайати таҳририя амалан дар баррасии мақолаҳои барои нашр воридгардида ягон нақш надорад ва танҳо барои ном аст. Аз ин рӯ, эҷоди ҳайати таҳририяи зинда ва фаъолияткунанда ниҳоят муҳим аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки тақризнависӣ дар маҷаллаҳои имлии ватанӣ низ ба мушоҳида намерасад. Аксар ҳолат масъули нашри маҷалла аз муаллифон хоҳиш мекунад, ки худашон як тақриз ба мақола пешниҳод кунанд. Дар ин ҳолат табиист, ки муаллиф аз ҳамкор ё шиноси худ “тақриз” мегирад ва он бидуни эроду пешниҳод аст. Аз ин рӯ, роҳандозии низоми тақризнависии пӯшида лозим аст, то сифати мақолаҳо беҳтар гардад. Аз таҷрибаи нашри мақола дар маҷаллаҳои хориҷӣ ҳаминро гуфта метавонем, ки эроду пешниҳоди муқарриз барои босифат шудани мақола сабаб мешавад ва ҳатман чанд эроди воқеии беҳбудкунандаи кор дида мешавад. Аз ин рӯ, барои босифат шудани мақолаҳои маҷаллаҳои илмӣ - ҷалби мутахассисони бетараф, махсусан аз кишварҳои дигар ба сифати узви ҳайати таҳририя ва муқарризон муҳим аст. Ҳамчунин, ҳар як мақола пеш аз нашр бояд ба ҳадди ақал ду муқарризи анонимӣ равон гардад ва онҳо ҳатман эроду пешниҳод нависанд ва танҳо баъди гузаштани ин раванд - барои нашр иҷозат дода шавад. Барои роҳандозии ин низом пардохти ҳақи қалами муқарризон лозим аст.

**4. Боло бурдани импакт-фактори маҷаллаҳои илмии кишвар.** Вазъи имрӯзаи импакт-фактори маҷаллаҳои илмии кишвар дар сатҳи нигаронкунанда қарор дорад ва як мурур ба сомонаи Elibrary.ru (бо назардошти номнависии бештари олимони ватанӣ) ин нуктаро собит мекунад. Аксари иқтибосҳо аз худи муаллифони ватанӣ асту олимони хориҷӣ ба таълифоти пажӯҳишгарони мо (хосатан дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ) таваҷҷуҳ надоранд.

**5. Зарурати сабти маҷаллаҳои илмии ватанӣ дар Web of Science ва Scopus.** Лозим ба назар мерасад, ки дар дурнамои кӯтоҳмуддат барои сабти интишороти ватанӣ дар низоми Web of Science, Scopus ва низомҳои дигари бонуфуз аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Агар маҷаллаҳои муассисаҳои пажӯҳишию таълимии ватанӣ дар ин низомҳо ҷойгир бошанд, ин обрӯю эътибори илми ватаниро боло мебарад. Имрӯз тавонмандиҳои АМИТ, ДМТ, Донишгоҳи тиббӣ ва Донишгоҳи техникӣ барои амалишавии ин иқдом мерасад. Барои мисол Донишгоҳи тиббии Сино тавонист маҷаллаи “Паёми Сино”-ро аз моҳи июли соли 2023 шомили рӯйхати Scopus кунад, ки аввалин ва ягона маҷаллаи илмии ватанӣ дар ин пойгоҳ мебошад. Таҷрибаи мазкур имконпазир будани ин корро ба намоиш мегузорад.

(Давомаш дар саҳ. 13)

## Ришод Зоҳир, фарзанди Аҳмад Зоҳир:

# МО ТОҶИКЕМ, ҲАММИЛАТЕМ!



**Алмоси Шарқ Аҳмад Зоҳир орзу дошт, ки ба Тоҷикистон сафар кунад ва барои мухлисонаш консерт баргузор намояд. Вале... 14-уми июни соли 1979, дар синни 33-солагӣ ӯ дар як садамаи тарҳрезишудаи наклиётӣ аз олам даргузашт. Инак, бо гузашти 45 сол орзуи ӯро фарзандаш Ришод ва наберааш Ёсин ҷомаи амал пӯшониданд.**

### Аз сафар хуш омадӣ...

Ришод Зоҳир бо фарзандаш Ёсин, ки ҳар ду дар пайравӣ ба Алмоси Шарқ суруд мехонанд, 9-уми июн ворили Душанбе шуданд. 14-уми июн бахшида ба рӯзи таваллуд ва марги Аҳмад Зоҳир дар "Кохи Суруш" таҳти унвони "Аз сафар хуш омадӣ" маҳфили ёдбуд баргузор мегардад. Ин маҳфил бо ташаббуси шоири маъруфи тоҷик Меҳринисо, раиси МТЖТ Хуршеди Атовулло ва роҳбари "Кохи Суруш" Зуҳуршо Зафарзода роҳандозӣ шудааст. Дар он дар баробари Ришод ва Ёсин Зоҳир ҳунармандони тоҷик, ки бо сабки Аҳмад Зоҳир суруд мехонанд, низ ширкат мекунанд.

### Фарзанди Аҳмад Зоҳир

Ришод Зоҳир - сароянда ва оҳангнавис. Фарзанди Аҳмад Зоҳир аз ҳамсари аввалаш Ноҷия. Ӯ соли 1970 зимни сафари волидайнаш дар шаҳри Сиэтли Амрико таваллуд шудааст. Дар яксолагиаш падару модараш ӯро ба Афғонистон меоранд. Вақте 9 сол дошт, падараш аз олам даргузашт. Дар синни 11-солагӣ ҳамроҳи модараш ба Амрико баргашт. Ӯ аз даврони наврасӣ ба мусиқӣ дил баста, дар пайравӣ ба падар суруд мехонд. Соли 1987 дар синни 17-солагӣ аввалин албоми худро бо номи «Гули интизор» нашр кард. Ӯ то имрӯз даҳҳо барномаи ҳунарӣ иҷро карда, муаллифи 4 албом аст.

### Ришод Зоҳир: Падарам ба Худо наздик буд!

**- Ҷаноби Ришод, нахуст шуморо ба Тоҷикистон, ба сарзамини Аҳмад Зоҳир хушомадед мегӯем. Сарзамини Аҳмад Зоҳир гуфтани Тоҷикистон бесабаб нест, зеро беш аз 50 сол аст, ки мардуми тоҷик Аҳмад Зоҳирро дӯст медоранд ва ҳунарманди худ медонанд.**

- Сипос. Ман аз муҳаббати мардуми тоҷик ба падарам огоҳам ва мефахрам.

**- Аз падар чӣ хотирот доред?**

- Падарам мутаассифона, умри кӯтоҳ дид. Вақте ӯ даргузашт, ман кӯдак будам. Вале бо вуҷуди ин, хотироте аз ӯ дорам. Як хотираи зебоям чунин аст: Ӯ як рӯз дар як қуттӣ 6-7 харгӯши сафедро оварда, гуфт: "Бачем, инҳо барои ту. Муроғибаташон кун". Он рӯз бисёр хушҳол буд, хушрӯ ва хушбӯй буд. Тарафи осмон нигоҳ кард. Ман ҳам нигоҳ кардам. Осмон обиву соф буд. Ӯ гуфт: "Ришод, бигӯ: чӣ хавоест, чӣ фазоест, чӣ дунёи макбул аст...". Ва ман такрор кардам. То ҳол ин ҳарфҳо дар гӯшам аст.

**- Ҳунари падарро кай шинохтед?**

- Падарам як инсони истисноӣ ва худодод буд. Истеъдоди ӯ барои шумо ва кулли форсизабонон собит аст. Ман кӣ ҳастам, ки ӯро баҳо диҳам? Фақат ифтихор мекунам, ки фарзандаш ҳастам. Аз падар ҳамагӣ 2 навор боқӣ мондааст: "Худо бувад ёрат" ва "Лайличон". Мехост, ки шеъри Ҳофиз "Ай подшаҳи хубон"-ро ҳам сабт кунад, вале имкон наёфт. Ҳамин ду видео кофист, ки ӯро шиносед. Ҳамин кифоя аст, ки ӯро ин ҳама сол дӯст медоранд.

**- Иттилое ҳаст, ки Аҳмад Зоҳир дар Эрон як барномаи консертӣ баргузор мекунад ва он пурра сабти видеоӣ шудааст. Оё барои пайдо кардани он талош кардед?**

- Ман ҳам инро шунидаам. Вале фикр мекунам, ки агар мебуд, мову шумо онро тамошо мекардем...

**- Далели ишқу алоқаи мардум ба Аҳмад Зоҳир дар чист? Оё боре дар ин маврид андеша кардаед?**

- Падарам ҷозиба дошт. Вақти таваллуди ман ӯ як муддат дар Сиэтл зиндагӣ мекард. Модарам, ки соли 2015 аз олам даргузашт, мегуфт, ки дар ин муддат тамоми шаҳр ошиқи ӯ шуда буд. Америкоиҳо намедонистанд, ки гутипаррон (бодбарак) чист. Вале дар пайравӣ ба падарам, гутипарронбозӣ мекарданд. Ин ҷаззобият аст. Инро фаҳмонида намешавад. Падарам шахси ба Худо наздик буд. Аз фавти ӯ 45 сол мегузарад, вале имрӯз ҳам ӯро дӯст медоранд. Магар ин ҷаззобияти худодод нест?

**- Дар бораи ҳувияти Аҳмад Зоҳир назарҳо мухталифанд. Гурӯҳе мегӯянд, ки ӯ тоҷик аст, гурӯҳи дигар пойфишорӣ мекунанд, ки паштуст. Ҳақиқат чист?**

- Аввалан, Аҳмад Зоҳир аз ҳамаи ҷаҳон аст. Аммо агар ҳақиқатро бигӯям, аҷдодони мо 80 фисад тоҷиканд. Мо тоҷикем, мо ҳаммилатем. Падарбузурги ман, падари Аҳмад



*Аҳмад Зоҳир бо писараш Ришод ва ҳамсараш Ноҷия*

Зоҳир Абӯзоҳир зодаи минтақаи Демазанг буданд. Гузаштаҳои мо аз музофоти Лағмон ҳастанд. Ин ифтихори мо аст.

**- Имрӯз дар Афғонистон гурӯҳе ҳукмрон ҳастанд, ки табар ба решаи фарҳанг мезананд. Ин вазъ то куҷо шуморо нигарон кардааст?**

- Мутаассифона, вазъ чунин аст. Имрӯз дар зодгоҳи Аҳмад Зоҳир ба фарҳангу ҳунари мусиқӣ арҷ намегузоранд. Дар ҷое, ки ҳунар арзиш надорад, бояд тарсид. Вазъи имрӯзи Афғонистон моро нигарон кардааст. Вале умедворем, ки ин доимӣ нест... Худованд меҳрубон аст, бубинем чӣ мешавад...

**- Бисёре аз овозхонҳои тоҷик оҳангҳои Аҳмад Зоҳирро бозхонӣ мекунанд...**

- Аз ин огоҳам. Ин барои хонаводаи Зоҳир ҷойи ифтихор аст.

**- Оё то имрӯз касе барои бозхонӣ аз шумо расман иҷозат пурсидааст?**

- Иҷоза чӣ лозим? Падарам аз ҳама аст. Аз шумост. Ман кӣ ҳастам, ки аз ман бояд иҷозат бипурсанд?

**- Дар бораи фоҷеаи марги падар чӣ медонед?**

- Мутассифона ӯро аз пеши мо гирифтанд. Вале ӯ зинда аст. Дар қалбҳои мову шумо.



*Ёсин Зоҳир, набераи Аҳмад Зоҳир*

## АҲМАД ЗОҲИР ВА НАЙНАВОЗ



**Аҳмад Зоҳир дар баробари он ки худ мусиқӣ эҷод мекард, бо бастакорон низ ҳамкорӣ дошт. Аз ҳама бештар ӯ сурудҳои ду оҳангсоз - Валии Таронасоз ва Фазлаҳмади Найнавозро иҷро кардааст. Дар сафари Ришод ва Ёсин Зоҳир ба Душанбе фарзанди Фазлаҳмади Найнавоз Салоҳиддин Закариё онҳоро ҳамроҳӣ мекунад. Ба эшон бо чанд суол муроҷиат кардем.**

*- Дар бораи дӯстӣ ва ҳамкории Аҳмад Зоҳир бо Фазлаҳмади Найнавоз чанд ҳарф бигӯед.*

*- Онҳо дӯстони қарин ва ёрони наздик буданд. Ёдам ҳаст, вақте Аҳмад Зоҳир даргузашт, устод Найнавоз зиёд ғамгин буд. Ӯ барои дӯсташ марсияе навишт. Аммо ҳукумати вақт рӯзи ҷанозаи Аҳмад Зоҳир иҷоза надоданд, ки касе суҳбат кунад. Вале устод Найнавоз натарсида, дар ҳузури 10 ҳазор нафар 45 дақиқа дар бораи Аҳмад Зоҳир суҳбат кард. Баъди 2 ё 3 моҳ устод Найнавозро ҳам аз байн бурданд.*

*- Ҳамкории онҳо чӣ гуна сурат мегирифт?*

*- Инҳо маҳофили бисёр ҷолиб доштанд. Ман он вақт ҷавони 16-18-сола будам ва шоҳиди ин маҳофил ҳастам. Вақте вомехӯрданд, суҳбатҳояшон чунин шуруъ мешуд, Аҳмад Зоҳир мепурсид: "Устод, чӣ сохтед?". Устод Найнавоз 2-3 оҳанги навашро менавохту мегуфт, ки ҳар кадомашро хоҳӣ, интихоб кун ва ба эҳсоси худ бихон. Ва ҳар кадомеро Аҳмад Зоҳир интихоб намекард, ба ҳунармандони дигар медод. Устод Найнавоз Аҳмад Зоҳирро дӯст медошт, зеро ӯ истеъдоди фавқулода буд.*

*- То ҳол пажӯҳишгарони ҳунари Аҳмад Зоҳир дақиқ накардаанд, ки ӯ дақиқан чанд суруд хондааст. Ҳамчунин, муаллифи баъзе оҳангҳои иҷрокардаи ӯ ҳам мушаххас нашудааст...*

*- Бале, ман ҳам 15 сол пеш то ҷое ин масъаларо таҳқиқ карда будам. Падари Аҳмад Зоҳир, ки садри аъзами Афғонистон буд, зимни сафарҳояш аз Аврупо, Амрико, Ҳинд ва дигар кишварҳо фиттаи сурудҳоро меовард. Ё Аҳмад Зоҳир дар ин сафарҳо бо ӯ буд ва бо мусиқии кишварҳои олам ошно шуда буд. Ӯ ҳамаи инро омӯхта, як гулдаста дуруст карда буд. Дигар ин ки, ӯ таассуб надошт. Вақте оҳангеро мешунид, ки ба дилаш ҷанг мезад, онро мехонд. Бинобар ин, ӯ оҳангҳои мухталифро дар сабкҳои мухталиф иҷро кардааст. Бояд пажӯҳишгарон болои ин масъала таҳқиқот баранд.*

*- Шумо бо хонаводаи Аҳмад Зоҳир солҳост, ки дӯстӣ доред. Ба онҳо аз хонаводаи маъруфашон чӣ мерос монд ва сарнавишти онҳо чӣ тавр ҷараён гирифт?*

*- Бале, ман бо Ришод беш аз 40 сол аст, ки робитаи дӯстӣ дорам. Ӯ вақте хурд буд, бо модар Ватанро тарк кард. Модараш зане буд, ки ба мероси хонаводаи бузурги Зоҳир даст дароз накард. Бинобар ин, онҳо дар Амрико зиндагии бисёр оддӣ доштанд. Кор карданд, талош карданд ва бо заҳмат зиндагии худро пеш бурданд. Ришод дар Ню Йорк дар назди Ғуломовоз ном устоди таблнавози покистонӣ таълим гирифт. Дар баробари ташвишҳои рӯзгор сароядагӣ ҳам мекунад. Ёсинҷон низ имрӯз кори падару бобояшро идома медиҳад. Ҳоло вай дар оғози роҳ қарор дорад. Умедворам, ки дар оянда корҳои мондагор хоҳад кард.*

**Одил НОЗИР**

*“Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд”.*

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

## МАОРИФИ БОХТАР:

# ЧОРАҲО СУДМАНД ВА НАТИҶАҲО НАЗАРРАСАНД



Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои давлатӣ, Консепсияҳо, дастурҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар дар се моҳи соли 2024 корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.

Бино ба иттилои мудири шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар Ш. Абдуназарзода, дар тобеияти шуъбаи маорифи шаҳр 18 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 5 литсей, 1 гимназия, ҷамъ 24 муассисаи таълимӣ бо фарогирии 29109 нафар хонандагон фаъолият намуда истодаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 750 нафар хонандагон зиёд мебошанд. Шумораи умумии омӯзгорон 1303 нафар (1013 нафарашон занон) буда, аз онҳо 1022 нафар бо таҳсилоти олии касбӣ, 281 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус фаъолият доранд.

Инчунин, 19 муассисаи давлатии таълимии томактабӣ ва 3 муассисаи хусусии таълимии томактабӣ бо фарогирии 3191 нафар тарбиятгирандагон фаъолият намуда истодаанд. Барои таълиму тарбияи онҳо 138 нафар мураббияҳо кору фаъолият менамоянд. Ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти томактабии шаҳр бо ҳамшираи тиббӣ, омӯзгорони забони русӣ ва англисӣ, омӯзгорони мусиқӣ таъмин мебошанд. Омӯзиши фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҳама муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

Айни замон дар шаҳри Бохтар 14 маркази инкишофи кӯдак дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият менамоянд, ки шумораи умумии кӯдакон 800 нафарро ташкил медиҳад. Таълим дар марказҳои инкишофи кӯдак дар асоси “Барномаи рушди соҳаи муассисаҳои томактабӣ барои солҳои 2020-2025” ба роҳ монда шудааст.

Ба гуфтаи мудири шуъбаи маориф, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат дар соли 2022 оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июли соли 2017, №357, “Дар бораи Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” ва дастурҳои раиси вилояти Хатлон аз 8-уми августи соли 2017, №7-78, “Дар бораи Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” барои таъмини тамоми муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон тибқи нақша 85 нафар омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар се моҳи соли 2024 ва мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ 10 нафар сафарбар гардидаанд.

Соли хониши 2023-2024 дар синфи 11-ум 1192 нафар хонанда (451 духтар) таҳсил намуда, аз онҳо 897 нафар (345 духтар) аз қайди Маркази миллии тестӣ гузаштаанд ва бақайдгирӣ дар умум 93,3%-ро ташкил медиҳад. Раванди бақайдгирӣ тариқи ММТ идома дорад.

- Қайд кардан бамаврид аст, ки дар муассисаҳои таълимии шаҳр байни хонандагон мусобиқаҳои варзишии футбол, воллейбол, баскетбол, шашка, шоҳмот, гирбардорӣ, дастхобонӣ, бандкашӣ гузаронида шуда, ғолибон бо ифтихорнома аз тарафи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ қадрдонӣ карда шуданд,- афзуд Ш. Абдуназарзода.

Инчунин, санаи 24-уми марти соли 2024 дар варзишгоҳи “ДДБ ба номи Н. Хусрав” чорабинии фарҳангӣ бахшида ба “Наврӯзи байналмилалӣ” баргузор карда шуд, ки дар он зиёда аз 4000 нафар хонандагон, омӯзгорон ва кормандони шуъбаи маориф ширкат варзиданд.

- Қайд кардан бамаврид аст, ки озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” имсол аз рӯйи 6 номинатсия - адабиёти кӯдакон ва наврасон, адабиёти классики тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, адабиёти ҷаҳон, эҷоди назм ва эҷоди наср баргузор гардида истодааст. Дар даври шаҳрӣ 72 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр фаъолона иштирок намуда, ба даври вилоятии озмун роҳхат гирифтанд,- гуфт ҳамсуҳбатамон.

Инчунин, озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” бо ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри амалӣ намудани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (2020-2040) соли чорум аст, ки дар саросари ҷумҳурӣ баргузор мегардад. Озмун аз рӯи номинатсияҳои математика, физика ва астрономия, химия, биология, география, технологияи иттилоотӣ, ихтироъкорӣ ва навоварӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳр дар даври муассисавӣ ва шаҳрӣ гузаронида шуда, ба даври вилоятӣ 109 нафар хонанда роҳхат гирифтаанд.



Ҳамчунин, озмуни ҷумҳуриявии “Маърифати ҳуқуқӣ - оини худшиносӣ” бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, аз даври шаҳрӣ 6 нафар хонанда ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтаанд.

Ш. Абдуназарзода иттилоъ дод, ки “барои ташкили кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ директорони муассисаҳои таълимии шаҳр дастуру супоришҳо гирифта буданд, ки давра ба давра иҷро шуда истодааст. Инчунин, дар соли 2024 бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба муассисаҳои таълимии шаҳри Бохтар 22 адад кабинетҳои фаннӣ дастрас карда шуд. Аз ҷумла, 3 адад кабинети фанни физика, 3 адад кабинети фанни химия, 3 адад кабинети фанни биология, география 5 адад, математика 6 адад, суруд ва мусиқӣ 2 адад. Тибқи нақшаи тасдиқгардида дар соли 2024-ум 22 адад кабинетҳои фаннӣ нақшабандӣ гардида, иҷроиши он 18 ададро дар бар мегирад, ки 82%-и нақшаи солона таъмин шудааст”.

Баҳри иҷрои “Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон” барои солҳои 2022-2027 дар соли 2023 сохтмони бинои муассисаи томактабии хусусӣ дар маҳаллаи М. Турсунзода аз ҳисоби соҳибкори ватанӣ барои 100 тарбиятгиранда ва як муассисаи томактабии хусусӣ дар маҳаллаи Ваҳдат барои 100 тарбиягиранда ба нақша гирифта шуда, сохтмонашон оғоз гардидааст.

Инчунин, сохтмони бинои иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №8 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои 312 нафар хонанда ва бинои иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №6 барои 620 нафар хонанда ба нақша гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ оғоз шудаанд.

Ҳамзамон, дар маҳаллаи Дӯстӣ муассисаи таълимӣ барои 1200 нафар хонанда ва дар маҳаллаи Ҳоҷӣ Шариф барои 640 нафар хонанда ба нақша гирифта шуда, айни ҳол ҳуҷҷатгузории қитъаи замин оғоз ёфтааст.

- Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, мустаҳкам намудани пояи моддӣ-техникӣ, иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва хориҷи кишвар, ҷалби мутахассисони ҷавон ба кор ва инчунин татбиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои давлатӣ, Стратегияҳои соҳавӣ дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, МИҲД-и вилояти Хатлон, Раёсати маорифи вилояти Хатлон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтарро сармашқи кори худ намуда, дар самти иҷрои он аз ҳамаи имкониятҳо истифода намуда, баҳри ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас чораҳои судманд меандешад,- зикр намуд мудири шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар Ш. Абдуназарзода.

**Машраби АЛОВИДДИН**



# ЧИНОР ИМОМОВ

## Қаҳрамони фаромӯшшуда

**Чинор Имомов яке аз роҳбарон ва фаъолони ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистон дар солҳои 1920-1930 мебошад, ки чун фарзанди ҷоннисор ва содиқи Ватан дар он рӯзгори пурошӯб ва оғози таҳаввулот дар ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон шамъ сӯхтаю ба дигарон рӯшноӣ бахшидааст.**

Зиндагӣ ва кору пайкори яке аз шахсиятҳои сиёсии Тоҷикистон Чинор Имомов, ки номаш дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва сарчашмаҳои дигар ҳамвора дар канори номи фарзандони дигари бошарафи тоҷик, монанди қаҳрамонони Тоҷикистон - Шириншо Шотемур ва Нусратулло Махсум қарор дорад, саросар ибратомӯз ва омӯхтанӣ аст. Ҳаётест оганда аз талошу такопӯ ба хотири пешравии ҷамъият, барқарор кардани сохти муназзами зиндагӣ ва фароҳам овардани замина бароиояндаи дурахшон ва босаодати мардум. Ин нукот қатрае доир ба шахсияти яке аз фарзандони фарзонаи миллати тоҷик, ходими ҷамъиятиву давлатӣ Чинор Имомов аст, ки дар китоби тозанашри «Чинори миллат» дарҷ шудааст. Китоби мазкур ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5500-солагии Саразми бостонӣ бахшида шуда, муаллифи китоб узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Боймурод Шоев мебошад.

Саҳми арзандаи Чинор Имомовро дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ, дар баробари дигар ходимони давлативу ҷамъиятӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд. Аз ҷумла, зимни суханронӣ ба муносибати 80-солагии пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе (20.11.2004) Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд: «Дар натиҷаи кӯшишу талошҳои назарраси бисёр ходимони давлативу сиёсӣ ва илмиву фарҳангии тоҷик, аз ҷумла Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинор Имомов, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода ва бисёр дигарон ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ба маҷрои нави тараққиёт ворид шуд».

«Имомов Чинор (Очилдӣ) соли 1898 дар оилаи камбағал, дар деҳаи Зебони Панҷакент ба дунё омадааст. Соли 1911 дар мактаби маҳаллаи русии Самарқанд хондааст. Баъди хатми омӯзишгоҳи ибтидоии олии чорсинфаи Самарқанд (соли 1917) Имомов роҳи муборизаро пеш гирифт ва ғалабаи Инқилоби Октябрро бо хурсандӣ истиқбол кард. Ӯ ходими ҳизбӣ ва давлатӣ буд. Аз соли 1918 аъзои КПСС буд.

Соли 1918 котиби ташкилоти «Иттифоқи меҳнаткашони мусулмон» мешавад ва дар байни аҳолии маҳаллӣ марксизмро пропаганда мекунад. Соли 1918 раиси кумитаи инқилобии Ӯротеппа (имрӯза Истаравшан), баъдтар раиси кумитаи Ҳизби коммунисти уезди Ӯротеппа интихоб мешавад.

Солҳои 1920-1922 раиси кумитаҳои ҳизбию уездии шаҳрии Ҷиззах ва Самарқанд, соли 1923 ҷонишини якуми раиси КМН ва КХ ИКД-и РАСС Туркистон буд.

Имомов дар ташкил намудани аввалин нашрияи шӯравии тоҷик «Овози тоҷик» (1924) ҳисcаи калон гузоштааст. Соли 1924 котиби Бюрои ҳизбии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, котиби масъули Бюрои ташкилии ПК (б) Ӯзбекистон дар РАСС Тоҷикистон буд. Солҳои 1928-1930 дар Донишгоҳи Коммунистии Ленинград таҳсил кардааст. Солҳои 1924-1928 узви Бюрои Осиёмиёнагии КМ ВКП(б), узви КМ ва Бюрои КМ ПК(б) Ӯзбекистон, солҳои 1930-1935 комиссари маорифи халқ, комиссари халқии тандурустӣ, комиссари халқии адлияи РСС Тоҷикистон, соли 1935 котиби масъули КИМ-и республика, солҳои 1936-1937 мудири корҳои СКХ Тоҷикистон, солҳои 1930-1937 узви Бюрои КМ ПК(б) Тоҷикистон, узви КИМ-и Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва СССР интихоб гардидааст. Чинор Имомов соли 1939 аз олам чашм пӯшидааст»,- омадааст дар Энсиклопедияи советии тоҷик (Душанбе, 1980.- Ҷ. 2.- С. 568).

Дар маъхазҳои таърихӣ Чинор Имомов яке аз бунёдгузорони аввалин Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон муаррифӣ мегардад.

Бале, Чинор Имомов ҳарчанд умри тӯлоние надидааст, вале дар муддати ин умри кӯтоҳи худ барои таъсиси давлатдории тоҷикон ва нуфузи забони тоҷикӣ корҳои бузургро анҷом додааст. Як нигоҳ ба тарҷумаи ҳол ва номгӯи вазифаҳое, ки Чинор Имомов дар муддати ҳаёташ бар ухда дошт, баёнгари фаъолияти густурда ва қобилияти баланди ташкилотчигии ӯ мебошад.

Дар китоби «Чинори миллат» дар таҳқиқи рӯзгор ва фаъолияти ин шахси сиёсиву фарҳангӣ ҷанбаҳои муҳими саҳми ӯ дар ташаккули давлатдории тоҷикон ва нуфузи забони тоҷикӣ инъикос ёфтааст.

Чинор Имомов, ҳақиқатан ҳам, инсони дорои қобилияти баланди роҳбарӣ ва шахси соҳибфарҳангу номбардори миллат буд. Дар ҳама ҳолат манфиатҳои миллату давлатро аз манфиатҳои шахсӣ боло меҳисобид. Дар он замоне, ки мардуми дигар ба зуҳуроти зиндагӣ бо «чашми охӯрбин» менигаристанд, ӯ бо «чашми охирбин»-и худ муҳимтарин ормонҳои миллиро тарғибу ташвиқ менамуд. Мактуби Чинор Имомов ва Шириншо Шотемур буд, ки масъалаи таъсиси нахустин газетаи тоҷикӣ - «Овози тоҷик» дар он садо дод. Муаллифони нома дар мавриди нуфузи зиёд доштани мардуми тоҷик сухан ронда, зарурати таъсиси газетаро бо забони тоҷикӣ таъкид карда буданд. Таъсиси рӯзномаи мазкур ба инкишофи забони тоҷикӣ ва муттаҳид сохтани миллат таъсири амиқ мегузошт.

Чинор Имомов дар байни аҳли илму адаб низ ҳамчун шахси фарҳангдӯст ва тарғибгари адабиёти ҳазорсолаи тоҷику форс маҳбубияти хос дошт. Беҳуда нест, ки Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Раҳим Ҳошим ва дигарон Чинор Имомовро чун яке аз симоҳои фаъол ва намоёни ҷумҳурӣ эҳтиром мекарданд. Маҷмӯаи нахустини шеърҳои Лоҳутӣ «Адабиёти сурх» маҳз бо пешгуфтори Чинор Имомов нашр гардида буд.

Чинор Имомов ҳамчун ташкилотчии моҳир барои тайёр кардани кадрҳои маҳаллӣ дар кори мубориза бар зидди босмачиён ва контреволютсионерон, барои ташкил намудани республикаи мустақили халқи тоҷик бо номи Тоҷикистон, барои барқарор ва рушди хоҷагии халқ ва мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо дар Осиёи Миёна саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ дар ҳайати комиссияи марказии тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Марказӣ шомил шуда, зидди миллатчиён, ки мавҷудияти тоҷиконро инкор мекарданд, рӯйирост ва хеле ҷасурона мубориза мебарад.

Дар масъалаҳои миллӣ, бахусус забони бою ғанӣ доштани халқи тоҷик дар саҳифаҳои рӯзномаҳо баромад намуда, дар нашри китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» саҳм гузоштааст. 26-уми ноябри соли 1924 дар таърихи миллати тоҷик ва тоҷикистониён аввалин ҳукумати халқи тоҷик - Комитети револютсионии РАСС Тоҷикистон ташкил карда шуд, ки дар ҳайати роҳбарии он Чинор Имомов ҳам буд. Чинор Имомов аввалин котиби масъули ташкилоти ПК Тоҷикистон (1924) ва аввалин сарвари комунистони Тоҷикистон маҳсуб мешавад.



*Чинор Имомов бо як гурӯҳ зиёиёни тоҷик дар оғози солҳои 30-юм*

Маврид ба зикр аст, ки Чинор Имомов аз зумраи фарзандони фарзонаи миллати тоҷик буд, ки солҳои 20-уми асри гузашта бо ҳамсафони худ ҳамеша арзишҳо ва масъалаҳои миллиро боло мегузошт, то ки давлатдории тоҷиконро то ба мақоми Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон расонанд. Родмардони халқи тоҷик Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Садриддин Айнӣ, Чинор Имомов ва ғайраҳо бо талошҳои пайваста ба ин ҳадафи олӣ даст ёфтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар бораи фаъолияти сиёсиву ҷамъиятии Нусратулло Махсум ибрози назар ва чунин зикр намуда буданд: «Мо - наслҳои имрӯза кӯшишу талошҳои фарзандони бонангу номуси миллати тоҷик, аз ҷумла яке аз симоҳои барҷастаи сиёсиву давлатии ибтидои асри гузашта Нусратулло Махсумро дар қатори нахустин роҳбарони мамлакатамон, ки барои ҳамчун ҷумҳурӣ ташаккул ёфтани Тоҷикистон хизматҳои арзанда кардааст, ба таври шоиста қадршиносӣ мекунем. Зеро дар он замони пуртаззод марзу буми имрӯзаи Тоҷикистон бо ҷасорати шахсиву сиёсии Садриддин Айнӣ ва талошҳои пайгиронаи Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов ва дигар фарзандони сарсупурдаи миллати тоҷик ҳамчун ҷумҳурӣ муайян карда шуд».

Бо такя ба ин гуфтаҳо ва хизматҳои Чинор Имомов меарзад, ки ӯ ҳамчун шахсияти сиёсиву ҷамъиятӣ, ки барои халқи тоҷик хизматҳои шоён кардааст, бо унвонҳои олӣ қадрдонӣ гардад.

Мутаассифона, бо туҳматҳои бадхоҳону нотавонбинон соли 1937 Чинор Имомов бо қарори Колегияи ҳарбии Суди олии ИҶШС ба қатл ҳукм мешавад. Соли 1957 ин шахсияти сиёсию ҷамъиятӣ ва арбоби давлатӣ бо қарори Прокуратураи генералии ИҶШС сафед ва ба сафи ҳизб барқарор мегардад...

**Бекназари АБӮБАКР**

**ҶОМИ ҶАҲОН**

# ТОҶИКИСТОН БАР ПОКИСТОН ҒАЛАБА КАРД, АММО АЗ ҶОМИ ҶАҲОН-2026 МАҲРУМ ШУД

**Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар бозии ниҳоии марҳилаи дуюми интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гурӯҳи «G» бар дастаи мунтахаби Покистон бо ҳисоби калон пирӯз шуд.**




Вохӯрии дастаҳо 11-уми июн дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе дар ҳузури 7800 мухлис баргузор гардида, бо ҳисоби 3:0 анҷом ёфт. Голҳоро аз ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон Шервонӣ Мабатшоев, Манучеҳр Сафаров ва Ваҳдат Ҳанонов заданд.

Бо вуҷуди ин пирӯзӣ дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо роҳбарии мураббии гурҷӣ Гела Шекиладзе натавонист ба марҳали сеюми интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 роҳ ёбад. Дастаи Тоҷикистон дар бозии панҷуми марҳилаи дуюми интихобӣ дар сафар аз дастаи Урдун шикаст хӯрд ва аз идомаи мусобиқаи Ҷоми ҷаҳон-2026 ва роҳхати мустақим ба Ҷоми Осиё-2027 маҳрум шуд. Акнун дастаро мебояд, ки барои ба даври финалии Ҷоми Осиё-2027 роҳ ёфтан як марҳилаи дигарро паси сар кунад. Даста баҳори соли 2025 дар бозиҳои интихобӣ иштирок хоҳад кард. Он ҷо дар як гурӯҳ чаҳор даста ҷойгир шуда, танҳо як даста роҳхати Ҷоми Осиёро ба даст меорад.

Ёдовар мешавем, ки дар бозии дигари гурӯҳ Урдун дар сафар муқобили Арабистони Саудӣ бо ҳисоби 2:1 зафар ёфт. Ба ҳамин тартиб, аз ин гурӯҳ Урдун ва Арабистони Саудӣ бо 13-имтиёзӣ роҳхати марҳилаи сеюмро соҳиб шуданд. Тоҷикистон бо 8 имтиёз ва Покистон бидуни имтиёз мусобиқаи Ҷоми ҷаҳон-2026-ро ба анҷом расониданд.

**КУРАШ**

# ПАНҶ НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ КУРАШИ ОСИЁ

**Аз 6 то 10-уми июн дар шаҳри Теҳрони Эрон Чемпионати кураши Осиё баргузор шуд, ки дар он паҳлавонони Тоҷикистон ширкат карданд ва 5 медал ба даст оварданд.**

Дар Чемпионати 13-уми кураши Осиё 200 варзишгар аз 20 кишвари қора, аз ҷумла паҳлавонони Тоҷикистон низ ширкат карданд.

Паҳлавони маъруфи тоҷик Шакармамад Мирмамадов дар вазни +100 кг соҳиби нишони тилло шуд. Варзишгарони дигари тоҷик Мирзоҷамил Рамазонов (дар вазни -73 кг) медали нуқра, Раҳматуллобек Фарҳодов (-81 кг), Умар Расулов (-90 кг) ва Фирдавс Насимов (-100 кг) медалҳои биринҷӣ ба даст оварданд.

Дар ҳисоби дастаӣ Тоҷикистон бо 5 медал пас аз Ӯзбекистон (5 тилло, 1 нуқра, 1 биринҷӣ) ва Эрон (1 тилло, 5 нуқра, 1 биринҷӣ) ҷойи сеюмро сазовор шуд.




**ОЛИМПИАДА**

# ТОҶИКИСТОНРО ДАР БОЗИҲОИ ОЛИМПӢ КИҲО НАМОЯНДАГӢ МЕКУНАНД?

**Пешниҳоди рӯйхати васеи дастаҳои ширкаткунанда дар Бозиҳои олимпии Париж ба анҷом расид. Тоҷикистон низ рӯйхати ҳайати дастаро барои ширкат дар Бозиҳо пешниҳод кардааст.**



Кумитаи ҷаҳонии олимпӣ рӯйхати охирини варзишгаронеро, ки ба Бозиҳо роҳ ёфтанд, дар рӯзи 8-уми июл нашр хоҳад кард, зеро ба даст овардани роҳхат дар намуди шиноварӣ ва варзиши сабук махз дар ҳамин рӯз ба анҷом мерасад.

Ҳамагӣ ба ҳайати дастаи Тоҷикистон 30 нафар шомиланд. Ба ғайр аз варзишгарон инҳо мураббиён, менеҷерҳо, роҳбарони федератсияҳо, кормандони Кумитаи миллии олимпии кишвар ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ҳастанд.

Аз Тоҷикистон дар намуди куштии ҷудо 6 паҳлавон соҳиби роҳхат шуданд, ки ҳафтаи гузашта аз ҷониби Федератсияи ҷудои кишвар ба ҳар кадоме 50 ҳазор сомонӣ дода шуд. Инҳо дар вазни -60 кг Муҳаммадсолеҳ Қувватов (тариқи квота), -66 кг Эмомалии Нуралӣ, -73 кг Беҳрӯз Хоҷазода, -81 кг Сомон Маҳмадбеков, -90 кг Комроншоҳ Устопириён, +100 кг Темур Раҳимов ҳастанд.

Ҳамчунин, се муштзан - Мижгона Самадова (57 кг), Давлат Болтаев (92 кг) ва Баҳодур Усмонов (63,5 кг) соҳиби роҳхат ба Бозиҳои олимпӣ-2024 ҳастанд.

Боз як варзишгари дигар - Виктор Рассадин Тоҷикистонро дар намуди куштии озод дар Бозиҳои олимпӣ намояндагӣ хоҳад кард. Ӯ роҳхатро дар Туркия ба даст овард.

Ҳамчунин ба Тоҷикистон 3 роҳхати махсус тариқи квота (2 роҳхат дар шиноварӣ ва як роҳхат аз варзиши сабук) ҷудо карда шудааст.

**РЕЗААХБОР**



10-уми июн дар варзишгоҳи «ТАЛКО-Арена»-и шаҳри Турсунзода бозии санҷишии дуюм миёни дастаҳои мунтахаби ҷавонони футболбозӣ то 20-солаи Тоҷикистон ва Беларус баргузор шуд. Вохӯрӣ бо ҳисоби 2:2 ба охир расид. Аз ҳайати дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон ҳамлагари «Баркчӣ»-и Ҳисор Масрур Ғафуров ба номаш дубл сабт кард. Дар бозии санҷишии якуми дастаҳо низ ғолиб маълум нашуда буд - 1:1.

***

Муштзани маъруфи тоҷик Баҳодур Усмонов шоми 22-юми июн дар Екатеринбург (Русия) муҳорибаи навбатиашро баргузор мекунад. Ҳарифи ӯ Довуд Алаев аст. Ба гузориши Федератсияи бокси Тоҷикистон, ин набард дар доираи мусобиқоти RCC Boxing Promotions доир мешавад. Усмонов дар корномааш 7 пирӯзии бидуни бохт ва ҳарифаш 9 пирӯзии бе шикаст дорад.

***

Дастаҳои мунтахаби футболи кишварҳои Қатар, Кувейт, Ҷопон, Куриёи Шимолӣ, Куриёи Ҷанубӣ, Чин, Умон, Қирғизистон, Эрон, Ӯзбекистон, Ироқ, Индонезия, Урдун, Арабистони Саудӣ, Аморати Араб, Баҳрайн, Австралия ва Фаластин ба марҳилаи сеюми интихобии Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 роҳ ёфтанд. Дар даври сеюм 18 даста ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд. Дастаҳое, ки дар гурӯҳҳо ҷойҳои сеюму чорумро мегиранд, мусобиқаро барои ду роҳхати дигар дар даври чорум идома медиҳанд.

***

Дар шаҳри Хуҷанд Чемпионати ҷудои Тоҷикистон миёни ҷавонон баргузор шуд, ки дар вазни -60 кг Саъдӣ Маҳмадов, вазни -66 кг Умар Шеров, вазни -73 кг Илҳомиддин Ҷаборов, вазни -81 кг Сунатулло Мусоев, вазни -90 кг Мусохон Ғаниев, вазни -100 кг Муҳсин Малаев ва дар вазни +100 кг Фарахманд Устопиров пирӯз шуданд.

# МАНСАБДОРОНИ ПОРАХӮР

## Аз 10 то 100 ҳазор сомониро ба киса заданӣ буданд, аммо...

**ТАЙИ ЯК ҲАФТАИ ОХИР АГЕНТИИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ВА МАҚОМОТИ СУДИИ КИШВАР АЗ БОЗДОШТ ВА ҶАЗОИ СЕ МАНСАБДОР БО ҶУРМИ ГИРИФТАНИ ПОРА ХАБАР ДОДАНД.**



**М. С. А. ҲАМАДОНӢ**
*99 500 сомонӣ барои қитъаи замин*

Раиси ҷамоати шаҳраки Москваи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон Набиев Ҷ. И. ҳангоми гирифтани 99 ҳазору 500 сомонӣ пора аз шаҳрванд Я. Х. дар утоқи кориаш боздошт шудааст. Дар ин бора маркази матбуоти Агентии мубориза бо коррупсия хабар медиҳад.

Ба иттилои манбаъ, Набиев Ҷ. И. бо истифода аз ваколати мансабӣ моҳи феврали соли 2024 барои ҳуҷҷатгузорӣ ва ҷудо кардани қитъаи замин ҷиҳати сохтмони коргоҳ (сех)-и истеҳсолӣ ва дӯзандагӣ дар ҳудуди ҳамин ҷамоати шаҳрак аз шаҳрванд Я. Х. маблағи 100 ҳазор сомониро ба сифати пора талаб намудааст.

“Набиев Ҷ. И. баъди ба сифати пора гирифтани маблағи 99 ҳазору 500 сомонӣ аз шаҳрванд Я. Х. дар утоқи кории худ дастгир гардида, аз ӯ далели шайъӣ ёфта гирифта шуд”,- хабар медиҳад манбаъ.

**ВАҲДАТ**
*10 ҳазор барои қатъи фаъолият*

Корманди Нозироти андози шаҳри Ваҳдат З. К. Ҳабибовро кормандони Агентии мубориза бо коррупсия ҳангоми гирифтани 10 ҳазор сомонӣ пора аз як шаҳрванд дастгир кардаанд.

Ҳабибов З. К., ки дар вазифаи мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андози шаҳри Ваҳдат фаъолият мекард, моҳи марти соли 2024 аз як шаҳрванд “барои тартиб додани санади муқоисавӣ ва мусоидат кардан ҷиҳати қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ” 10 ҳазор сомонӣ пора талаб кардааст. Вале ҳангоми гирифтани маблағ дар ҷойи ҳодиса дастгир мешавад.

*Ба иттилои Агентии мубориза бо фасоди кишвар феълан нисбати ду мансабдори боздоштшуда парвандаи ҷиноятӣ кушода шуда, баъди анҷоми тафтиши пешакӣ барои баррасӣ ба суд ирсол шудааст.*

**Ҷ. РАСУЛОВ**
*4 ҳазор гирифту 27 ҳазор дод*

Шерзод Тоҷибоев - корманди шуъбаи корҳои дохилӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов барои гирифтани пора 27 хазор сомонӣ ҷарима шуда, ду сол аз ҳақи кор дар мақомоти корҳои дохилӣ маҳрум шудааст. Дар ин бора аз Суди вилояти Суғд хабар доданд.

Тоҷибоев моҳи майи соли равон “ба боварии Зиёвуддин Кароматуллозода, як сокини шаҳри Хуҷанд даромада, бо сӯиистифода аз мақоми хизматӣ барои ба кор қабул кардан ба шуъбаи "Муҳофиза"-и ВКД дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 4 ҳазор сомонӣ гирифтааст”.

Бо ҳукми суд Тоҷибоев барои қаллобӣ (моддаи 247, қисми 2) 27 ҳазор сомонӣ ҷарима ва аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳо дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муддати ду сол маҳрум карда шуд. Ҳамчунин, ӯ 4 ҳазор сомонӣ зарари расонидаро баркарор кардааст.

# ПУЛ ТЕ, Ё БАЧААТ МЕМИРАД

**Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон аз боздошти ду лӯлизан аз вилояти Қашқадарёи Ӯзбекистон бо иттиҳоми мардумфиребӣ хабар дод.**



Зулола Сайфуллоева, соли таваллудаш 1994 ва Юлдуз Бердиева, соли таваллудаш 1992, сокинони вилояти Қашқадарёи Ӯзбекистон бо роҳи фиреб ба боварии се зани сокини ноҳияи Варзоб даромада, бо ваъдаи гӯё аз болои сари онҳову наздиконашон дур кардани хатари сеҳру ҷоду пулу моли ин шаҳрвандонро тасарруф кардаанд.

Аз ҷумла, ин ду лӯлизан соли 2023 барои талбандагӣ деҳаи Хушёрии ноҳияи Варзоб рафтаанд ва вориди хонаи як зани 57-солаи деҳаи Хушёрӣ шуда, аз ӯ як пиёла чой хостаанд. Вакте соҳибхона барои овардани чой меравад, бо истифодаи ҳиллаи хос дар як гӯшаи ҳавлии он зан “ҷоду”-и аз пеш тайёркардаашонро пинҳон кардаанд ва сипас он занро тарсонидаанд, ки хонаводаи ӯро касе ҷоду кардааст ва агар он ҷодуро ёфта, набароранд ва накушоянд, фарзандаш худкушӣ мекунад.

“Гуфт, ки бачаат худро дор мекашад ҳамин ҳафта. Гуфт, ягон чӣ биёр, ки ман ҳамин ҷодуро кушоям ва пеши роҳи худкушии бачаатро бигирам. Ман дигар дар шок ғалтидам ва намедонам, ки дигар чӣ кор кардам ё накардам. Дуто телефон гирифтанд: телефони худамро гирифтанд, телефони шавҳарамро ҳам гирифтанд. Гӯшворамро гирифт, чалаамро гирифт, 23 хазор сомониамро гирифт. Пули духтарчаам буд. Ман гуфтам, ки ман надорам сӯм охир. Чӣ хеле кард маро, чӣ корам кард, ки... Ман мегӯям, эй занак, ман пул надорам, вале вай исрор мекард, ки биёр, биёр, ки ҳозир ҳамаат мекафед...”,- нақл мекунад ин зан.



**4 зодаи Тоҷикистон дар шаҳри Ростови лаби Дон ба як ҳамватани 28-солаашон, ки дар ширкати “Яндекс.Такси” ҳамчун ронандаи таксӣ кор мекард, ҳамла оварда, ӯро ба мошин бор карда, бо худ бурдаанд.**

Гаравгонгирон таксиронро ба як бинои беодам бурда, дар онҷо шиканҷа додаанд ва аз ӯ барои озодиаш як миллион рубл талаб кардаанд. Ширкати корфармои ронандаи тоҷик ба пулис хабар додааст. Рӯзи 3-юми июни соли 2024 пулис ва ФСБ бо ҷалби ОМОН ронандаи тоҷикро озод ва ҳамаи 4 гаравгонгирро боздошт кардаанд. Онҳоро аз 5 то 12 соли зиндон таҳдид мекунад.



**Дар Русия як шаҳрванди Тоҷикистон, ки ба тарҳрезии ҳамлаи террористӣ гумонбар аст, 13 сол равонаи зиндон шуд. Дар ин бора “Новости Ставрополя и Ставропольского края” хабар медиҳад.**

Шаҳрванди Тоҷикистон ба тарҳрезии як ҳамлаи террористӣ дар бозори Невинномисск гумонбар мешавад. Ҳамзамон дар парвандаи ӯ “ширкат дар фаъолияти созмони террористӣ”, “истеҳсоли ғайриқонунии моводи тарканда” низ мавҷуд аст. Гуфта мешавад, ки ҳангоми кофтуков аз маҳали зисти ин мард моводи таркандаи худсохт пайдо шудааст.



**Кӯдаки як муҳоҷири тоҷик дар Русия аз 4-ум ошёна сарозер шуда, зинда монд. Феълан ӯ дар ҳолати вазнин дар беморхона бистарӣ аст.**

“МК в Ленобласти” менависад, ки кӯдаки якунимсолаи як муҳоҷири тоҷик дар Русия ба тӯри тиреза такя зада, аз 4-ум ошёна сарозер шудааст. Ин расона хабар медиҳад, ки ҳодиса дар Волхов рух дода, падару модари кӯдак шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд. Ҳодиса аз беназоратии волидайни кӯдак рух додааст. Гуфта мешавад, ки муфаттишон ҳодисаро тафтиш мекунанд.

# САРАТОН

## роҳҳои халқии мубориза бо он



**Саратон. Бо шунидани ин калима ба дили кас ҳарос меафтад, зеро саратон аз зумраи бемориҳое мебошад, ки табобаташ бениҳоят душвор ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто номумкин аст. Аммо мисли тамоми бемориҳои дигари мавҷуда саратонро низ пешгирӣ кардан мумкин аст. Имрӯз мо ба шумо дар бораи роҳу усулҳои халқии пешгирии касалии саратон маълумот медиҳем. Ин усулҳо хеле арзон ва безарар буда, фоиданокии ҳар яки онҳо дар мубориза бо ҳуҷайраҳои саратон аз ҷониби олимон собит гаштааст.**

### 1. Бештар оби чашма нӯшед!

Барои пешгирӣ намудани касалии саратон бештар оби тоза нӯшидан лозим аст. Дар як рӯз шахс бояд на камтар аз 2 литр оби чашма ё оби дигари тозаро нӯши ҷон созад. Об захҳоро аз ҷисми инсон берун баровада, дар мубориза бо аллергия кумак мерасонад ва касалии саратонро пешгирӣ мекунад. Исбот шудааст, ки шахсони дар як рӯз бештар аз 2 литр оби тоза менӯшида 2 маротиба камтар ба касалии саратон гирифтор мешаванд.

### 2. Лаблабу хӯред

Бисёриҳо ба лаблабу нописандона менигаранд, вале дар асл ин сабзавот барои организми инсон бениҳоят фоиданок аст. Лаблабу кори ҷигарро ба низом медарорад, хунро тоза мекунад ва моддаҳоеро, ки боиси пайдоиши ҳуҷайраҳои саратонӣ мегарданд, аз ҷисми инсон мебарорад.

### 3. Помидор ва сабзӣ

Тавсияи сеюме, ки барои пешгирии бемории саратон дода мешавад, ин бештар истеъмол намудани помидор ва сабзӣ мебошад. Дар таркиби ин ду сабзавот витамини А зиёд буда, кори тамоми узвҳои дохилии инсонро ба низом медарорад.

### 4. Равғани зағир

Дар мубориза бо ҳуҷайраҳои саратонӣ равғани зағир низ хеле муфид аст. Истифода бурдани равғани зағир дар хӯрок ба ҷисми инсон ёрӣ мерасонад, ки барои несту нобуд кардани ҳуҷайраҳои саратонӣ моддаҳои заруриро ҳосил намояд.

### 5. Мевагӣ хӯред

Барои пешгирии касалии саратон бештар ба ҷисми инсон витамини С лозим аст. Барои ҷисми худро бо ин витамин шодоб гардонидан шахс бояд бештар сабзиҷот, меваҳои тару тоза ва махсусан меваҳои ситрусӣ хӯрад. Қобили зикр аст, ки тамоми витаминҳо барои ҷисми инсон заруранд, вале витамини С мақоми махсус дорад, зеро он ҳуҷайраҳои саратониро несту нобуд месозад.




МАСЛИҲАТ

## МУБОРИЗА БО ФИШОРБАЛАНДӢ

**Шумораи шахсоне, ки аз бемории фишорбаландӣ азият мекашанд, сол то сол мефзояд. Дар мубориза бо ин беморӣ флавоноидҳо-антиоксидантҳои табиие, ки кафидани капилярҳоро пешгирӣ карда, раванди таъмини майнаи сарро бо кислород ба низом медароранд, нақши муҳим доранд.**



Флавоноидҳо дар таркиби баъзе маҳсулот ба миқдори зарурӣ мавҷуд буда, пайваста истеъмол карданашон барои касоне, ки аз бемории фишорбаландии шараёнӣ азият мекашанд, хеле муфид мебошад.

Маҳсулоте, ки чунин антиоксидантҳои табиӣ доранд, инҳоянд: чойи кабуд, олуча, нок, себ, арахис, кулфинай, шоколади сиёҳ ва ғайра.

Барои паст шудани фишори хун ба реҷаи хӯроки ҳаррӯзаи худ маҳсулоти аз калий ва магний бойро низ илова намудан муфид аст. Инҳо: биринҷ, мевагӣ, махсусан апелсин ва мандарин, картошка, ярмаи гандум ва ҷав, хушкмеваҳо, моҳӣ, махсусан хек ва треска, шир, маҳсулоти ширӣ, йогурт, карами баҳрӣ, донагиҳо - лӯбиё, нахӯд ва ғайра.

## Толеънома



*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Бояд бо корҳои фаврӣ ва мушкилиҳои сарзада машғул шавед. Эҳтимоли вайрон шудани таҷҳизоти рӯзгор дар назар аст. Дар сурате аз уҳдаи корҳоятон мебароед, ки бо табъи хуш ва дили пур амал намоед, вале ба эҳсосот дода нашавед.



*Савр*
*21.04 - 21.05*

Дар ин ҳафта аз ҳолатҳои ногуворе, ки ба саратон омада буд, берун мешавед. Асабӣ мешавед, харочоти ногаҳонӣ табъатонро хира месозад. Наздикон дар корҳоятон кумак намерасонанд, аз муошират бо онҳо қаноатманд намегардед.



*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Бояд диққат диҳед, ки барои харидорӣ намудани либоси зебову фароғати худ чӣ қадар пул сарф мекунед. Фаромӯш насозед, ки пул ба даст овардан кори осон нест. Дар хонаатон ҷангу нофаҳмӣ ва мушкилиҳои зиёд сар мезанад.



*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Ҳангоми кор бо асбобҳои нӯгтезу буранда боэҳтиёт бошед, хатари ҷароҳат бардоштанатон зиёд аст. Баногаҳ ба даст овардани маблағи пулӣ табъатонро болида месозад. Дар ҷодаи муҳаббат қаҳру ноз, мунокишаву нофаҳмӣ имкон дорад.



*Асад*
*23.07 - 22.08*

Дар ҳама кор барор ҳамсафаратон мегардад, ба ғайр аз масъалаҳои пулӣ. Ба маблағи калон ниёз пайдо мекунед, ки ба даст овардани душвор аст. Дар оила мунокиша сар мезанад, ба назаратон чунин менамояд, ки ҳамсари худро дӯст намедоред ва муҳаббати ӯро низ ҳис намекунед.



*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Харочоти ногаҳонӣ шуморо дар ҳолати ногувор мегузорад. Наздикон барои аз вазъияти душвор берун шудан кумак мерасонанд. Айни замон ҳохиши кор карданро надоред, чунки аз маоши худ қаноатманд нестед. Бо роҳбар мунокишаву нофаҳмӣ сар мезанад.



*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Ҳарчанд пулро бо душворӣ ба даст оваред ҳам, аз бепулӣ азоб намекашед. Аз ҷониби шахси дӯстдоштаатон дастгириву пуштибонӣ эҳсос намекунед, ба назаратон чунин менамояд, ки ишқ кошонаи шуморо тарк карда бошад.



*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Дар рафъ намудани душвориҳои ба саратон омада наздикон кумак мерасонанд. Ба яке аз ҳамкорони худ ошиқ шуданатон имкон дорад. Аз омадани меҳмон ва сафарҳо қаноатманд намегардед. Вохӯрӣ бо дӯстонро ба таъхир гузоред, вагарна байнатон мунокишаи ҷиддӣ сар мезанад.



*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Барои ба даст овардани пул ташвиш накашед, дар ин ҳафта бе пул намемонед. Пешравӣ дар касбу кор табъатонро болида месозад. Дар муносибатҳои ошиқона бовариву меҳрубонӣ эҳсос мегардад. Барои бемор нашуданатон ба гармохунукшавӣ роҳ надиҳед.



*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Табъатон баъзан болидаву гоҳи дигар хира мегардад. Нафаре карзашро ба шумо бармегардонад ё шумо қарзатонро медиҳед. Роҳбар ба корҳоятон дахолат карда, изҳори норизоӣ мекунад, вале ин амалашро ба дил наздик қабул накунед.



*Далв*
*21.01 - 19.02*

Эҳтимоли ба даст овардани маблағи хуб дар назар аст. Ба саломатӣ диққат диҳед, бемор шуданатон имкон дорад. Дар хона вайрон шудани баъзе таҷҳизоти рӯзгор имконпазир аст. Дар чойи кор бодиққат бошед, эҳтимоли ҷароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад.



*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Ҳафта барои ба мағозаву бозор рафтан мусоид аст, даромади хуби пулӣ ба даст меоред. Дар ҳаёти шахсӣ нофаҳмиҳо сар мезананд, аз дӯстдоштаи худ меҳру муҳаббатро интизор шуда, дучори сардиву беилтифотӣ мегардед. Дар ҳама ҳолат худро ба даст гиред.

# ИСЛОҲОТИ ИЛМ

## аз куҷо бояд оғоз шавад?

(Аввалаш дар саҳ.6)

### V. ПЕШГИРИИ "ФИРОРИ МАҒЗҲО" ВА БОЗГАШТИ ДУБОРАИ ПАЖӮҲИШГАРОНИ ВАТАНӢ

Ҳамаи кишварҳои узви ИДМ ба фирори шадиди мағзҳо рӯ ба рӯ ҳастанд. Дар Тоҷикистон ин раванд аз рӯзҳои аввали худсолорӣ, бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ то кунун ба мушоҳида мерасад. Имрӯзҳо аз кишвар бинобар сабабу омилҳои гуногун на танҳо олимону пажӯҳишгарон, балки пизишкон, омӯзгорон ва дигар мутахассисони соҳибкасб ба хориҷа барои зиндагии доимӣ мераванд. Ҳукумати кишвар дар шаклҳои гуногун неруи инсониро бо умеди ширкати онҳо дар пешрафти соҳаҳои афзалиятноки ватанӣ сармоягузорӣ мекунад, вале бо сабабҳои гуногун ин истеъдодҳо ба хориҷа мераванд. Албатта, муҳоҷирати мағзҳо як раванди табиӣ дар саросари ҷаҳон аст ва кишварҳои пешрафта барномаҳои вижа ва шароити лозимаро барои ҷазби истеъдодҳо ва мутахассисони соҳибкасб роҳандозӣ кардаанд. Аз ин рӯ, гирифтани пеши роҳи "фирори мағзҳо" аз кишвар ва бозгардонидани беҳтарин мутахассисони ватанӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ ва пажӯҳишии давлатҳои пешрафта кору фаъолият доранд, аҳамияти фавқулода муҳим дорад. Дар ин самт чунин мулоҳизаҳо пешкаш мешаванд:

**1. Таҳияи номгӯйи пурраи олимону пажӯҳишгарони зодаи Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишвар фаъолият доранд.** Ин аввалин коре буда метавонад, ки бояд ниҳодҳои масъулу ваколатдори давлатӣ анҷом диҳанд. Барои ин метавон як сомонаи вижаро роҳандозӣ кард, ки худи дар хориҷи кишвар будаҳо худро номнавис кунанд ё нафарони ошнои худро ворид созанд. Агар номгӯйи пурраи олимону пажӯҳишгарони зодаи Тоҷикистон бо зикри ихтисос, касбу кор, дараҷа ва унвони илмӣ таҳия гардад, захираи қавӣ барои ҳамкориҳои минбаъда мешавад.

**2. Ҷалби олимону пажӯҳишгарони зодаи Тоҷикистон барои ҳамкорӣ бо муассисаҳои ватанӣ.** Густарда кардани иртиботи қавии кории зодагони Тоҷикистон бо ҳамкасбони ватаниашон аз аҳамият холӣ нест. Агар мубодилаи таҷриба сурат гирад, онҳо тариқи онлайн лексия хонанд, бо донишҷӯён мулоқот кунанд ва ё олимони ҷавонро барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ ба озмоишгоҳҳои худ даъват кунанд, як иқдоми ҷиддӣ барои пешрафти илму пажӯҳиши ватанӣ мешуд. Ҳамчунин, ҷалби зодагони кишвар барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва дигар асарҳои бунёдӣ аз аҳамият холӣ нест.

**3.** Қабули барномаи вижаи давлатӣ барои пешгирии фирори мағзҳо ва бозгардонидани онҳо ба ватан. Пажӯҳиши мавзуъ нишон медиҳад, ки то имрӯз ягон кишвари Осиёи Марказӣ чунин барнома надорад. Барои ояндаи Тоҷикистон ин мавзуъ ниҳоят муҳим аст ва ҳар қадаре пештар ин иқдом амалӣ гардад, ҳамин миқдор ба нафъи соҳаҳои афзалиятноки ватанӣ мешавад.

### VI. РӮЙКАРДИ ШАДИД ПЕРОМУНИ "ДАСТОВАРД"-ҲОИ ҚАЛБАКӢ ДАР СОҲАИ ПАЖӮҲИШ ВА ТАЪЛИМ

Ҳамасола аз ҷониби муассисаҳои қалбакии илмӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ бо пардохти ҳақмузд (аз 250 сомонӣ ва боло) ба мақолаҳои олимони кишвар (ҳатто барои мақолаҳои ба забони тоҷикӣ таълифшуда) сертификати "ғолиб"-и озмуни қалбакии илмӣ ё "ҷоизаву медалу унвонҳо" дода мешаванд. Раванди мазкур барои кишвари мо падидаи нав буда, дар панҷ соли охир васеъ ба мушоҳида мерасад. "Ҷоизадор"-у "сертификатдорон" худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ таблиғ мекунанд ва сазовори "таҳсингӯйиву арзандахонӣ" мешаванд. Ҳатто аз тарафи роҳбарияти муассисаҳои олӣ он "ҷоизаҳо" "тантанавор" дода шуда, дар саҳифаҳои расмии он муассисаҳо ва ҳатто расонаҳо тарғиб мешавад. Барои гирифтани пеши ин раванди номатлуб таваҷҷуҳ ба ин нуктаҳо муҳиманд:

**1. Дар фазои пасошӯравӣ академияҳои ҷамъиятии зиёде фаъолият доранд, ки бо пардохти ҳақи муайян унвонҳои "академик", "узви пайваста", "доктор" ва ғайраро медиҳанд.** Пеши роҳи чунин ҷоизагирӣ низ гирифта шавад, ҳадди ақал аз ҷониби муассисаҳо ва расонаҳо таблиғ нашавад, чун ин ҳолат амалан масхараи илму пажӯҳиш буда, мардуми моро бо сабаби огаҳ набуданашон гумроҳ мекунанд.

**2. Муассисаҳои таълимию пажӯҳишии ватанӣ барои таблиғи фаъолият ва дастовардҳои худ ширкати кормандонашонро дар ҳамоишҳои байналмилалӣ расонаӣ мекунанд, ки аслан таҷрибаи мусбат аст.** Масъала дар он аст, ки барои кишварҳои ИДМ аз ҷониби созмонҳои ҷамъиятии ин қаламрав чунин ҳамоишҳои илмии қалбакӣ зиёд баргузор мешаванд. Бо пардохти ҳақмузд сертификати иштирок, нашри мақола дар маҷмуа ва мақоми "мақолаи беҳтарин" (ҳатто барои навиштаҳо бо забони тоҷикӣ) дода мешавад. Муассисаҳои ватанӣ ин ҳамоишу интишоротро дастоварди ҷиддии минтақавӣ ва байналмилалии худ унвон карда, васеъ таблиғ мекунанд. Ҳоло шумораи чунин соҳибони ҷоизаҳои қалбакӣ дар миёни омӯзгорони мактабҳои олӣ афзудааст. Бояд ба назар гирифт, ки дар ягон ҳамоиши ҷиддии илмии байналмилалӣ барои иштироку суханронӣ додани сертификату диплом пешбинӣ намешавад, танҳо маҷмӯи мақолаву фишурдаи суханрониҳо нашр гардида, дар пойгоҳҳои илмсанҷӣ ҷойгир мешаванд. Ҳатто дар ҳолати нашри мақолаҳо дар маҷмуаҳои илмии қалбакӣ, ки бо пардохти маблағ сурат гирифтааст, баъди гузаштани чанд вақт эҳтимоли зиёди берун кардани онҳо аз пойгоҳҳои илмсанҷӣ ва ба рӯйхати сиёҳ ворид кардани созмондиҳандагони он вуҷуд дорад. Масалан, танҳо дар соли 2018 РИНЦ зиёда аз 6 ҳазор мақоларо ҳазф ва зиёда аз 50 ташкилкунандаи чорабиниҳои қалбакии илмиро ба рӯйхати сиёҳ ворид кард. Аз ин рӯ, муассисаҳои пажӯҳишӣ ва таълимии кишвар пеши роҳи ширкат дар чунин ҳамоишҳо ва интишороти қалбакиро гиранд, чун амалан масхараи илм аст.

**3.** Лозим ба назар мерасад, ки аз ҷониби КОА ҳамасола дар асоси назарсанҷии мутахассисон рӯйхати сомонаҳо ва созмонҳое, ки бо баргузоркунандаи ҳамоиш, интишорот ва ҷоизадиҳии қалбакӣ машғуланд, тартиб дода, ширкат накарданро тавсия диҳад. Ин иқдом як омили "ҷудо кардани мӯй аз хамир" гардида, гӯлзанию гумроҳкунии олимони ватаниро батадриҷ паст мекунад.

### VII. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ ВА ИСТИФОДАИ ТАВОНМАНДИҲОИ ОЛИМОНУ ПАЖӮҲИШГАРОНИ ХОРИҶӢ ДАР ШАКЛГИРИИ ИМИҶИ МУСБАТИ КИШВАР

Ҳамкориҳои воқеии илмию пажӯҳишӣ ҳам барои пешрафти ин соҳа дар кишвар ва ҳам барои ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон сабаб мешаванд. Дар ин самт, аз ҷониби ниҳодҳои ваколатдор ва масъули давлатӣ, ба вижа пажӯҳишгоҳҳои АМИТ, мактабҳои олӣ ва ниҳодҳои пажӯҳишию таҳлилӣ таҳия гардидани номгӯйи олимону пажӯҳишгарони кишварҳои хориҷӣ, ки пиромуни таърих, тамаддун ва сиёсату иқтисод дар Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон ва умуман ҷуғрофиёи форсизабон пажӯҳиш доранд, аҳамияти баланди амалӣ дорад. Ҳамин дастурро ба сафоратхонаҳои кишвар дар хориҷ низ додан лозим аст, то онҳо низ чунин номгӯйро тартиб диҳанд. Ҷалб ва истифодаи тавонмандиҳои олимону пажӯҳишгарони хориҷӣ ба муаррифии гузаштаи фарҳангӣ ва дастовардҳои имрӯзаи Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.

Барои ин роҳандозии ҳамкориҳо ва ҳавасманд кардани онҳо муҳим аст. Чун олимону пажӯҳишгарон табиати фитрии то ҷойе "алтруистӣ" ба мавзуъ ва ҷуғрофиёи мавриди назари худ доранд. Густариш додани теъдоди "дӯстони Тоҷикистон" аз ҳисоби олимону пажӯҳишгарони хориҷӣ дар ин марҳила кори муҳим мебошад. Дар ин самт чунин мулоҳизаҳо пешкаш мешаванд:

**1.** Баъди таҳияи номгӯйи олимону пажӯҳишгарони хориҷӣ, ки дар бораи Тоҷикистон таҳқиқот мегузаронанд ва назари нек нисбат ба кишвари мо доранд, қадршиносӣ кардани онҳо бо мукофоти давлатӣ ва соҳавӣ, инчунин додани унвонҳои фахрии донишгоҳҳо ва академияҳо бисёр муҳим аст. Агар аз ҷониби роҳбарияти ниҳодҳои масъулу ваколатдори давлатӣ чунин қадрдониҳо сурат гиранд, қадами ҷиддӣ барои ба даст овардани "дӯстони Тоҷикистон" мешавад. Арзёбии муқаддамотӣ нишон медиҳад, ки чунин олимону пажӯҳишгарон дар ҳамаи кишварҳои рушдкардаи аврупоӣ, амрикоӣ ва осиёӣ ҳастанд, барои муаррифии таъриху тамаддуни форсии тоҷикӣ хидмати арзанда мекунанд. Нашри осори онҳо ба забони тоҷикӣ дар кишвар ва даъват кардани онҳо ба муаррифии он натиҷаи мусбат метавонад диҳад.

**2.** Мусоидат ба боздиди олимони хориҷа ба Тоҷикистон. Дар ин самт истифодаи рӯйкард дар се сатҳ муҳим аст: якум, дар сатҳи сафоратхонаҳо, ки пазироии онҳо бояд меҳрубонона бошад, дуюм, дар фурудгоҳ ва дигар гузаргоҳҳои марзии Тоҷикистон, ки тасаввуроти усулиро дар бораи кишвар шакл медиҳад; сеюм, дар худи муассисаҳои пажӯҳишӣ ва таълимии кишвар, ки агар ривояти мо "бидуни таҳмил кардан" ба онҳо муаррифӣ гардад, дар осори худ истифода мекунанд. Як қадами муҳим дар ин самт додани босуръати визаи кишвар ё таъсиси визаи махсус, ки ба мӯҳлати зиёд ба шахсони барҷастаи соҳаи илм, санъат, ҳунару тиҷорат ва варзиш дода мешавад.

**3.** Бахшҳои ҳамкориҳои байналмилалии ниҳодҳои пажӯҳишӣ ва таълимӣ бо олимону пажӯҳишгарони хориҷӣ равобити кориро бояд ба роҳ монанд. Бештар даъват кардани онҳо ба ҳамоишҳои илмию таҳлилӣ дар муассисаҳои ватанӣ бисёр муҳим аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳамеша барои сафари онҳо ба Тоҷикистон пардохти маблағ зарур аст. Чун агар мактуби даъват барвақт фиристода шавад, муассисаҳои онҳо маблағи махсус барои чунин сафарҳо доранд ё дар он кишварҳо фондҳое фаъолият доранд, ки чунин сафарҳоро сармоягузорӣ мекунанд.

**4.** Ба муассисаҳои таълимӣ ва пажӯҳишии кишвар дастур дода шавад, ки лоиҳаҳои якҷояи пажӯҳишию илмиро бо ҳамтоёни хориҷии худ роҳандозӣ кунанд. Чунки имрӯз дар дунё фондҳои зиёде барои анҷоми чунин пажӯҳишҳо маблағ медиҳанд ва истифода аз ин имкон ба мақсад мувофиқ мебошад. Шарти муҳими анҷоми чунин ҳамкориҳо мутақобила будани он аст, то комилан ривояти кишвари хориҷиро инъикос накунад.

**5.** Арзёбии муҳити илмию пажӯҳишии кишварҳои рушдкардаи аврупоӣ, амрикоӣ ва осиёӣ нишон медиҳад, ки онҷо "озодии академикӣ" ба таври васеъ таъмин аст. Аз ин рӯ, онҳо дар доираи одобӣ академикӣ дар баҳогузориҳои худ комилан озод мебошанд. Бинобар ин, аз даъват кардани олимону пажӯҳишгарони кишварҳои рушдкардаи аврупоӣ, амрикоӣ ва осиёӣ, ки дар ҷойе Тоҷикистонро танқид кардаанд, набояд ҳаросид. Чун агар солҳои зиёд ба Тоҷикистон имкони омаданро надошта бошанд, "тундӣ"-и бештарро нисбат ба кишвари мо дар худ шакл медиҳанд. Баръакс, даъвати онҳо ба Тоҷикистон барои муътадил гардидани дидгоҳҳояшон метавонад мусоидат кунад.

Дар фарҷоми навишта бояд гуфт, ки рукни муҳими рушди илм ва пажӯҳиш дар кишвар - ин таъмини озодии академикӣ аст, то олимони ватанӣ бо ҳамкасбони хориҷии худ иртиботи васеъро ба роҳ монанд, мубодилаи афкор кунанд ва дар ҳамоишҳои байналмилалӣ бидуни "маҳдудияти дафтарӣ" ширкат кунанд. Бидуни риояи озодии академикӣ расидан ба пешрафти илму пажӯҳиш мушкил мебошад. Ҳамзамон, Сарвари кишвар дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи илму маориф даъват ба амал овардаанд, ки дар баррасии мавзуъ ва масъалаҳои мавҷуда бетараф набошанд ва саҳми худро гузоранд. Ҳамин даъват худ як замина барои густариши озодӣ ва уҳдадориҳои академикӣ аст, то пажӯҳишгарони ватанӣ аз равандҳо ва масъалаҳои мавҷуда худро ба канор нагиранд, худсолорӣ ва манфиатҳои миллиро ҳимоя кунанд.

**Шералӣ РИЗОЁН,**
**номзади илмҳои сиёсӣ**
**Ризои БАҲРОМЗОД,**
**номзади илмҳои физикаю математика**

## МАВЛУДНОМА

**• 13 ИЮН •**

**Николай Дорукалов** (1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Зафар Искандаров (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Мавҷинисо Муҳаммадова** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**• 14 ИЮН •**

**Анатолий Горбунов** (1904-1983), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Абдумаҷид Шарифов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Дания Валиева** (1929), 95-солагии зодрӯзи муаррих-эроншиноси тотор, доктори илми таърих.

**Владимир Салоухин** (1924-1996), 100-солагии зодрӯзи шоири рус, мутарҷими осори адибони классик ва муосири тоҷик.

**• 15 ИЮН •**

**Зулфия Атоӣ** (1954), 70-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон.

**Аҳмадҷон Додоҷонов** (1919-1990), 105-солагии зодрӯзи муаррих.

**Уктамҷон Воҳидов** (1949-2008), 75-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Ашӯр Ғозиев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Ҳасан Қурбонов** (1929), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Абдулло Маҳмадзиёев** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Ғоиб Мирзоев** (1944), 80-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Заъфарони Муҳаббат** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Муаззама Ниёзмуҳаммадова** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Зилол Раҳмонова** (1929-2001), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Миср Эшниёзов** (1919-2002), 105-солагии зодрӯзи забоншинос.

**• 16 ИЮН •**

**Николай Тимофеев** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника (кишоварзӣ).

**Зикрулло Холов** (1914-1991), 110-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Бобоқул Қурбоналиев** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Павел Петров** (1814-1875), 210-солагии зодрӯзи шарқшиноси рус, муҳаққиқи дастнависҳои форсӣ тоҷикӣ.

**Мардонқул Муҳаммадқули Самарқандӣ** (1919-1980), 105-солагии зодрӯзи шоир.

**• 17 ИЮН •**

**Семён Вайман** (1924-2000), 100-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Абдураҳим Мавлонов** (1914-1969), 110-солагии зодрӯзи арбоби давлатию хоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**• 18 МАЙ •**

**Низомиддин Аъзамбоев** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Валерий Жак** (1934), 90-солагии зодрӯзи режиссёр-педагог, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Холмаҳмад Оев** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

**Шикебии Исфаҳонӣ** (964-1023), 1160-солагии зодрӯзи шоири форс-тоҷик.

**Муҳаммад Ҳиҷозӣ** (1899-1973), 125-солагии зодрӯзи нависандаи эронӣ.

**• 19 ИЮН •**

**Абӯалӣ Давлатов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Шамсулло Ҷобиров** (1954-1999), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Учқун Ҷӯраев** (1939), 85-солагии зодрӯзи наворбардори телевизион, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Роберт Шоу** (1839-1879), 185-солагии зодрӯзи забоншиноси англис, муҳаққиқи забонҳои помирӣ.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ОМӮЗИШ

► Дарси математика барои синфҳои болой. Тел.: 98-745-18-78

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи Қаюмова Мавчудахон, РЯМ: 0730137705, РМА: 075023793, ки аз 08.07.2016 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонӣ, №2019/124, ба номи Дархонова Севара Йўлчи кизи, ки соли 2019 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №0176974 ба номи Самиева Гулбаҳор Абдуфатоҳовна, ки соли 2006 аз ҷониби МТМУ №37-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0245466, рақами қайд №829, ба номи Сатторова Зуҳро, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ, рақами қайд №48436, ба номи Неъмонов Самандарбек Ноибович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳувайдуллоев 218, ҳ. 14 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира тахти фехристи №8ш-3307 аз 26-уми сентябри соли 2018, аз номи Неъмонов Самандарбек Ноибович ба номи Ҷуракулова Қутбинисо Ҳамрокуловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳувайдуллоев 218, ҳ. 14, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №004889 ба номи Икромова Наргиз Вахидовна, ки соли №1993 аз МТМУ №17 ба номи Олег Кошевой, ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 №620891 ба номи Икромова Наргиз Вахидовна, ки соли №1991 аз МТМУ №17 ба номи Олег Кошевой, бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Эълони чопшуда дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон", №17 (1580), аз санаи 24.04.2024, оид ба иваз кардани ному насаб дар аттестати синфи 9 Т-ШТА №0341022 ба номи Мирзаев Шӯҳрат Иркинович, ки санаи 16.06.2009 аз Гимназияи №74, шаҳри Душанбе дода шудааст, аз сабаби иваз намуданиномунасаб беэътибор дониста шавад.

► Эълони чопшуда дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон", №17 (1580), аз санаи 24.04.2024, оид ба иваз кардани ному насаб дар аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0447876 ба номи Мирзоев Шӯҳрат Иркинович, ки санаи 28.06.2011 аз Гимназияи №74, ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби иваз намудани ному насаб беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Шодиев Шухратҷон, РЯМ: 0730131225, РМА: 075116939, ки аз 24.03.2016 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи КТ №813031, рақами қайд №9276, ба номи Кацнельсон Ирина Львовна, ки соли 1987 аз Коллеҷи омори ш. Ваҳдат дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи давлатии бақайдгирии қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрванд Чақалов Юнус, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Дарёбод, аз санаи 05.06.2024, тахти №30352, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишномаи ҳақи дасткашӣ тахти фехристи 1Ш-361 аз 08.02.2018, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи ҶСК "Точиксодиротбонк" бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Гулбутта ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ тахти фехристи 1Ш-1258, ки аз 28.08.2015 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Шамсов Иброҳим Солиҳович бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Зайнабобод, деҳаи Дарёбод ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А05134560, ба номи Асоев Хусейн Ғиёсович, ки санаи 08.11.2023 аз ШВКД ноҳияи Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартнома дар бораи фаъолияти якҷоя, ки аз тарафи Идораи нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ аз 31.08.2015 тахти фехристи 3дш 990 ба номи шаҳрванд Ризозода Фирдавс Тоир ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Зарипов Убайдулло, РЯМ: 0730205832, РМА: 096328631, ки аз 16.09.2020 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Мачитов Умедҷон Абдурашидович, РЯМ: 0130193635, РМА: 015233193, ки санаи 18.06.2021 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02627372, ба номи Раҳимова Анна Равшановна, ки санаи 05.11.2019 аз ҷониби ШВКД-2 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02387309, ба номи Шакиров Умед Иномович, ки санаи 06.09.2019 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01610556, ба номи Мирзозода Мирзошариф Одина, ки санаи 19.12.2018 аз ҷониби ШММ Сағирдашт, ШВКД дар ноҳияи Дарвоз дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо реестри №2355, аз соли 2005, ба номи ҶДММ "Тоҷикистон", ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Рӯдакӣ 205а, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Муҳиддинов Олимҷон Исмоилович, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чоряккорон, деҳаи Чорякорон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти литери 3-2/к тахти фехристи №1ш-2531, аз 27.12.2013 ба номи Ғафурова Ҳилола Толибовна, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Конститутсия, хонаи истиқоматӣ тахти литери 3-2/к, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А7713360, ба номи Мирзоева Шукрона Равшанхоновна, ки санаи 19.06.2013 аз ШВКД ноҳияи Панҷ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат 11-уми марти соли 2004, тахти фехристи №1ДС-213 ба номи Олимова Сафармо Сайдиновна нисбат ба хонаи истиқоматии №11, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи К. Умаров дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз тарафи Саридорои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 12-уми июни соли 2014, тахти фехристи №1Ш-913 ба номи Бозоров Хуршед Зулфалиевич нисбат ба квартираи №6, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Истаравшан, хонаи 13 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Хамраев Набиҷон, РЯМ: 07301209178, РМА: 076631604, аз санаи 07.01.2021 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Комилова Рахимахон, РЯМ: 0730190450, РМА: 075030086, аз санаи 10.05.2019 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Акрамов Ҳусейн Сафархочаевич, РЯМ: 0730181522, РМА: 075310460, аз 19.10.2021 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсупов Собирҷон, РЯМ: 0730191752, РМА: 076590436, аз 20.06.2019 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи васиятнома, ки аз 10.12.2014 тахти фехристи 4м_284 ба шаҳрванд Бахриев Хуршед Муродович дар Идораи нотариалии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Сурикова, хонаи 44 ба номи шаҳрванд Шарипов Махмадулло Махмадович, ки аз 30.04.2007 дар Саридораи нотариалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти фехристи 1ш_497 ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба Хоҷагии деҳқонии Ибни Сино-2000, РЯМ: 0730153014, РМА: 075468638, ки аз 26.07.2017 аз Нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартнома дар бораи фаъолияти якҷоя, ки аз тарафи Идораи нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ аз 24.04.2014 ба номи шаҳрванд Ашуров Фарух Фархотович ва Мухаммадшоева Карима Рахмадшоевна тахти фехристи 3дш 375 ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҷуброни бартарафсозии квартира, ба номи Хиненезон Виталий Владимирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Фархор, бинои 8, ки дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ аз 09.08.2021 дар фехристи №2Ш-1517 тасдиқ карда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Либра О", №0107574, РЯМ:0210009993, РМА:020025558 барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Monitoring and Evaluation Analyst, (Global Fund Project) Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18810/National Personnel Service Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 24 June 2024 NY time.**
- **Project Manager (PVE), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18818/National Personnel Service Agreement/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 25 June 2024 NY time.**
- **Finance Assistant, (Global Fund Project) Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18863/National Personnel Service Agreement/NPSA-5); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 26 June 2024 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "МИКРО ИНВЕСТ"**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

## Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ

Ба санаи 31-уми декабри соли 2023

| | Эзоҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 4.1 | 4 758 969 | 8 799 282 |
| Сандуки қарзии соф | 4.2 | 13 530 224 | 8 469 341 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.3 | 216 829 | 380 270 |
| Сармоягузорӣ | 4.4 | - | - |
| Воситаҳои асосӣ | 4.5 | 232 402 | 83 276 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.5 | 218 632 | 3 177 |
| **Ҳамаги дороиҳо** | | **18 957 056** | **17 735 347** |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Қарзҳои гирифташуда | 4.6. | - | - |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 4.7 | 301 243 | 174 830 |
| **Ҳамаги уҳдадориҳо** | | **301 243** | **174 830** |
| Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт | 4.8 | 603 943 | 603 943 |
| Захираи умумӣ | 4.8 | 270 525 | 166 693 |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.8 | 16 696 861 | 15 609 936 |
| Фоидаи софи соли ҷорӣ | 4.8 | 1 084 484 | 1 179 945 |
| **Ҳамаги сармоя** | | **18 655 813** | **17 560 517** |
| **Ҳамаги сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **18 957 056** | **17 735 347** |

**Директор** _______ **Маликов Ҷ.Н.**

**Сармуҳосиб** _______ **Раҷабова А.Ю.**

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "МИКРО ИНВЕСТ"**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

## Ҳисобот оиди даромади маҷмӯи

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | Эзоҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5.1 | 2 441 868 | 1 932 743 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5.1 | - | - |
| **Даромади софи фоизӣ то барқарорсозии (ташаккулдиҳии) захираҳо** | | **2 441 868** | **1 932 743** |
| Барқароршавии захираи қарзҳои беқурбшуда | | 18 131 | 152 830 |
| Ташаккулдиҳии захираи қарзҳои беқурбшуда | | - | (119 612) |
| **Захиран софи беқурбшавии қарзҳо** | 5.2 | **18 131** | **34 218** |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **2 460 000** | **1 966 961** |
| Даромад аз хизматрасонӣ (комиссионӣ) | 5.3 | - | |
| Хароҷот аз хизматрасонӣ (комиссионӣ) | 5.3 | (80 377) | (82 863) |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | 5.4 | - | 1 192 279 |
| **Даромади софи ғайрифоизӣ** | | **(80 377)** | **1 109 416** |
| **Ҳамаги даромади амалиётӣ** | | **2 379 623** | **3 076 377** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 5.5 | (1 195 568) | (954 053) |
| **Фоидаи софи амалиётӣ** | | **1 184 054** | **2 122 324** |
| Даромади соф аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 5.6 | 501 598 | 570 835 |
| Даромади соф аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | | (306 573) | (1 216 120) |
| **Даромади софи ғайриамалиётӣ** | | **195 025** | **(645 285)** |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **1 379 079** | **1 477 039** |
| Андоз аз фоида | 5.7 | (294 596) | (297 094) |
| **Фоидаи соф** | | **1 084 484** | **1 179 945** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол | | - | - |
| **Ҳамаги дигар даромади умумӣ** | | - | - |
| **Ҳамаги даромади умумӣ** | | **1 084 484** | **1 179 945** |

**Директор** _______ **Маликов Ҷ.Н.**

**Сармуҳосиб** _______ **Раҷабова А.Ю.**

ҶДММ ТАҚХ «ЭМИН САРМОЯ» ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

ҶДММ ТАҚХ «ЭМИН САРМОЯ» шахси ҳуқуқӣ буда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва фаъолияти худро дар асоси Оинномa анҷом медиҳад.
Ҷамъият дар асоси Суратмаҷлиси №1-и маҷлиси умумии муассисон аз 17.05.2022 с. таъсис дода шудааст ва ҳамчун ҶДММ ТАҚХ "Эмин-Сармоя" дар натиҷаи бақайдгири дар Кумитаи Андоз назди Ҳукумати ҶТ аз 10 июни соли 2022 тахти №0267906 ва мутобиқи Кодекси Граждании ҶТ, Конуни ҶТ "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", Конуни ҶТ "Дар бораи ҶДММ" ба қайд гирифта шудаст.
Дар айни замон Ҷамъият дар асоси чунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ фаъолияти худро мебарад:

- Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ № 0267906 аз 10.06.2022 с.;
- Шаҳодатномаи №02/055785 дар бораи додани РМА №020055785 аз 10.06.2006 с.;
- Иҷозатномаи БМТ № 0000307 аз 21.12.2022 с.;

Сармояи оинномавӣ Ҷамъият ба санаи 31.12.2023 с. 25 500,00 сомониро ташкил медиҳад.
 Мақоми олӣ – Муассиси ягонаи Ҷамъият
 Макоми Идоракунӣ - Шӯрои Нозирони Ҷамъият : иборат аст Раиси шӯро ва чор нафар аъзоени он.

Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи ҶДММ ТАҚХ «ЭМИН САРМОЯ»-ро (минбаъд Ҷамъият), ки аз ҳисобот оиди холати молиявӣ ба 31 декабри соли 2023, ҳисобот оиди маҷмуи даромад, ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом мерасад ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳҳо ба ҳисоботи молияviро дар бар мегирад.

Ба хулосаи мо, ҳисоботи молиявӣ, ба истиснои ахбороти дар "Асос барои изҳори ақидаи аудитори" омода шуда, аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии ҶДММ ТАҚХ «ЭМИН САРМОЯ»-ро ба санаи 31-уми декабри солии 2023, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулӣро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад дар мутобиқат бо Стандартҳои Ҳисоботи Молиявии Байналмиллали дуруст инъикос менамояд.

*Асос барои изҳори ақидаи аудитори*

Мо тафтишоти аудиториро мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Аудит гузаронидем. Ӯҳдадории мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисми «Маъсулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ» гузошта шудааст. Мо нисбати Ҷамъият мувофиқи "Кодекси ахлоқ ва одоби аудиторони касби"-и Шӯрои оиди стандартҳои байналмиллалии ахлоқу одоби муҳосибон ва талаботҳои этикӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии моён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таалуқ дорад мустақил ҳастем, ва дигар ухдадориҳоро мувофиқи ин талаботҳо иҷро намудем. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст оварда шуда, барои изҳори ақидаи аудитории мо кифоя ва муносиб мебошад.

Дар санаи 21 декабри соли 2022 аз ҷониби Бонки милли Тоҷикистон ба Ҷамъият Иҷозатнома дода шудааст, барои анҷом додани чунин амалиётҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ:

- ҷалби амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- додани қарзи хурд (бо таъмин ва бе таъмин);
- кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён;
- додани кафолат;
- қарордодҳои форварди ва своп барои худ;
- амалиёти кассавӣ;
- амалиёти ҳисобббаробаркунӣ ва мубодилавӣ;
- барориши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо.

Мақсади асосии таъсисдиҳии Ҷамъият ба даст овардани фоида бо он намуд фаъолиятҳое, ки иҷозат дорад ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

ҶДММ ТАҚХ «ЭМИН САРМОЯ» дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомони, кӯчаи Б. Гафуров 21 ҷойгир шудааст.

**Ба санаи 31-уми декабри соли 2023**

| | Эзоҳ | 01 январи 2023 | 31 декабри соли 2023 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Хазина | 4.1. | - | 572,96 |
| Ҳисобҳо барои гирифтан аз дигар бонҳо | 4.2. | - | 6 750, 10 |
| Сандуки қарзии соф | 4.3. | - | 7 778, 75 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.3. | 10 000, 00 | 999, 81 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.4 | - | 5 312, 98 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.5 | - | 2 782, 95 |
| Амволи ба иҷора гирифташуда | 4.6. | - | 1 884,53 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **10 000,00** | **26 082,11** |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Амонатҳо | 4.7 | | 222, 31 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4.8 | 23, 52 | 858, 47 |
| Ухдадориҳои дарозмуддат | 4.9 | - | 1 884, 54 |
| Ҳамаги ухдадориҳо | | **23,52** | **2 965,32** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи партохташуда | 4.10 | 10 000,00 | 25 500,00 |
| Захираи умумӣ | 4.11 | - | (23 515) |
| Дигар захираҳои ташкилот | 4.12 | - | - |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.13 | (23,52) | (2 359, 69) |
| **Ҷамъи сармоя** | | **9 976,48** | **23 116,79** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **24 268,56** | **30 367, 51** |

Роҳбарияти Ҷамъият бовари доранд, ки ӯҳдадориҳои шартии назаррас надоранд, ки он дарояндаи наздик таъсирӣ калон ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаи фаъолияти Ҷамъият дошта бошад.

Баъди санаи ҳисоботи молиявӣ то санаи пешниҳоди ҳисобот ҳодисаҳои назаррасе, ки метавонанд ба ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд ба вуқӯъ наомадааст .

Ба хулосаи мо, ҳисоботи молиявӣ, ба истиснои ахбороти дар "Асос барои изҳори ақидаи аудитори" омода шуда, аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии ҶДММ ТАҚХ «ЭМЙН САРМОЯ»-ро ба санаи 31-уми декабри солии 2023, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулӣро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад дар мутобиқат бо Стандартҳои Ҳисоботи Молиявии Байналмиллали дуруст инъикос менамояд.

Директори генералӣ _______ Алиев А.А.

Сармуҳосиб _______ Раджабова Г.Ш.



### Пулҳои пинҳонӣ

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Ман пулҳои пинҳонкардаи туро ёфтам. Шарм намедорӣ, ки аз зани худат ин қадар пулро пинҳон мекунӣ?

Шавҳар:

- Ман бо ин пул бароят тӯҳфа хариданӣ будам.

Зан:

- Бо ин тангаҳо чӣ харидан мехостӣ?

### Парандаи фоидаовар

Муаллима аз толибилмон мепурсад:

- Парандаҳои барои инсон фоидаовар кадомҳоянд?

Яке аз талабаҳо мегӯяд:

- Парандаи бирёнаш, муаллима.

### Шоирони классик

Муаллим аз талабаҳо мепурсад:

- Шумо дар бораи шоирони классик чиро медонед?

Хонанда:

- Ҳаминашро медонам, ки ҳамаи онҳо аз олам гузаштаанд.

### Кӯдаки зирак

Марде дар роҳ кӯдакеро мебинад, ки дар даст 100 доллар дорад. Кӯдакро фиреб карданӣ шуда, мегӯяд:

- Бачаҷон, биё пулатро ба ман деҳ, ман ба ту дуто пул медиҳам.

Кӯдак дар ҷавоб мегӯяд:

- Аввал мисли хар садо бароред.

Мард хоҳиши кӯдакро иҷро мекунад, вале бача пулро надода, боз мегӯяд:

- Акнун мисли саг ак-ак кунед.

Мард боз хоҳиши кӯдакро иҷро мекунад, вале бе натиҷа. Ин дафъа кӯдак мегӯяд:

- Ба мисли гов садо бароред.

Мард боз хоҳиши бачаро иҷро мекунад. Кӯдак ин дафъа хандида, мегӯяд:

- Акнун гов пулро мешинохтааст мо кӯдакон намешиносем-мӣ?

### Зани безеб

Ду мӯйсафед дар хараки таги бед бо ҳам дарди дил мекунанд. Якеаш мегӯяд:

- Занам ҳар рӯз аз ман талаби ҳамхобагӣ мекунад, ман бошам, пир шудаам, дигар мадор надорам, намедонам чӣ кор кунам. Ҳатто худам барояш шавҳар кофтам, вале касе дар деҳа ӯро ба занӣ гирифтан намехоҳад.

Мӯйсафеди дигарӣ мегӯяд:

- Ман ба ту чанд сол пеш гуфта будам, ки зани безеб нагир, вагарна як умр дарди сарат мешавад.

### Шӯрбо

Падар ба писар мегӯяд:

- Писарам, ман зидди оиладор шудани ту нестам, вале хоҳиш мекунам, нағзакак фикр кун. Арӯси ёфтаат хӯроки дуруст пухта метавонад?

Писар дар ҷавоб:

- Э дадаҷон, вай чунон зебо аст, ки...

Падар дар ҷавоб мегӯяд:

- Ту аз ҳусну ҷамолаш як моҳ ҳаловат мебарӣ, вале шӯрбояшро як умр хӯрданат лозим меояд!

### Чӯбу тахта

Марде аз дӯсташ мепурсад:

- Муносибатҳои маҳрамонаатон чӣ хел?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Чӯбу тахта барин...

Мард ҳайрон шуда:

- Чӣ хел?

Дӯсташ:

- Гоҳе вай кундаву гоҳи дигар ман ҳезум...

Таҳияи
**Н.РАҶАБОВА**

## АЗ ТАНЗҲОИ ХАЙРАНДЕШ

### Ҳафт асбоб дар як байт

Дар тамринхонаи зебою барҳавои қасри фарҳанги ноҳияи баландкӯҳи Шамсиддин Шоҳин ҳамроҳи раиси ноҳия Гулзода Зафар Шамсиддин ва шоирон Ато Мирхоҷаю Абдуллоҳи Раҳнамо таронаҳои дилошӯбу дилангези гурӯҳи консертии қасри мазкурро бо садои ширину ширадори онҳо шунида, хеле лаззат бурдем. Меҳмонон хушҳол шуда, андешаҳояшонро иброз доштанд. Ман бошам, ҳамаи ҳафт асбоби мусиқии дар ин ҷо истифодашударо бадоҳатан дар як байт ҷо додам:

*Як думраю як рубобу як*
*дукалла тор,*
*Таблак, даф, акардеон ва*
*як синтизатор.*

### Соли вафот

Баъди гузаштани нақби Шар-Шар дар яке аз чойхонаҳои саҳрои ҳамроҳи устодон Абдуллоҳи Раҳнамо ва Ато Мирхоҷа чойи талх нӯши ҷон карда, чақ-чақ мекардем. Ногаҳ устод Абдуллоҳи Раҳнамо аз ду ҷавоне, ки дар рӯ ба рӯи мо далда меҳӯрданд, пурсид:

- Шоир Хайрандешро мешиносед?

Яке аз он ҷавонҳо ҷавоб дод:

- Бале, шоир Хайрандешро мешиносем, аммо Худову ростӣ, соли таваллуд ва соли вафоташро намедонем.

Ман хандида, гуфтам:

- Соли вафоташро мо ҳам намедонем.

### Одам нашуд

*Як пайсаҳаке намонд*
*дар ҷебаки ман,*
*Одам нашуд ин*
*ҷебаки безебаки ман.*

### Тифоқ

*Эй бародарҳо, дар ин*
*дунёи пурмакру нифоқ*
*Дастгири ҳам шаведу*
*чун ГАИ-ҳо иттифоқ.*

### Дасти холӣ

*Дасти холӣ*
*аз ин ҷаҳон мегузарем,*
*Монад телефони мо*
*ба дасти дигарон.*

### Ҳусни дизайнӣ

*Ду чашмак дорӣ,*
*ангури ҳисайнӣ,*
*Вале, афсӯс,*
*ҳусни ту дизайнӣ.*

### Кадр

*Кадрҳоро бифиристед*
*ба ҳар ноҳия, аммо... лекин*
*Як - ду кадре ҳам аз он*
*ноҳия мондан бад нест.*

### Мор

*Мардум ҳама*
*аждаҳор гаштанд,*
*Ман мор шуда*
*наметавонам.*



**ХАЙРАНДЕШ**

## Сканворд

